**МАҚОМОТИ ВАКОЛАТДОР ОИД БА ҲУҚУҚИ ИНСОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

# МАЪРӮЗАИ ВАКОЛАТДОР ОИД БА ҲУҚУҚИ ИНСОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛИ 2014

**ДУШАНБЕ – 2015**

## МУНДАРИЧА

ПЕШГУФТОР........................................................................ 2

1. ФАЪОЛИЯТИ МАҚОМОТИ ВАКОЛАТДОР ОИД БА ҲУҚУҚИ ИНСОН ДАР СОЛИ 2014

1.1. Мурочиатҳои шаҳрвандон ........................................................ 4
1.2. Санҷиши вазъи риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон............................. 7
1.3. Такмили қонунгузорӣ оид ба ҳуқуқу озодиҳои инсон .................. 7
1.4. Баланд бардоштани маърифати шаҳрвандон оид ба ҳуқуқу озодиҳои инсон .................................................................... 8
1.5. Қабулгоҳҳои ҷамъиятии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон........... 11
1.6. Ҳамкориҳои мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон............ 13
1.7. Таъминоти молиявии фаъолияти мақомоти ВҲИ ҶТ............... 14

2. ВАЗЪИ РИОЯИ ҲУҚУҚУ ОЗОДИҲОИ ИНСОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

2.1. Ҳуқуқ ба ҳифзи судӣ ва муҳокимаи одилонаи судӣ ...................... 16
2.2. Ҳуқуқ ба дахлнопазирии шахсӣ, озодӣ аз шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф.......................................... 20
2.3. Ҳуқуқи инсон дар муассисаҳои пӯшида ва қисман пӯшида.......... 25
2.4. Ҳуқуқ ба озодии ибрози ақида, дастрасӣ ба иттилоот ва воситаҳои ахбори омма.................................................................. 29
2.5. Ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ. Вазъи риояи ҳуқуқи инсон дар муассисаҳои иҷтимоӣ........................................................... 32
2.6. Ҳифзи ҳуқуқи маъюбон........................................................... 35
2.7. Ҳуқуқ ба ҳифзи саломатӣ......................................................... 39
2.8. Ҳуқуқ ба манзил ..................................................................... 42
2.9. Ҳифзи ҳуқуқи муҳоҷирони меҳнатӣ.......................................... 45
2.10. Ҳуқуқи кӯдак. Кӯдакон дар низоми адлияи ноболиғон. Ҳуқуқи кӯдак ба таҳсил.............................................................. 49
2.11. Ҳуқуқи зан............................................................................ 56

ХОТИМА ................................................................................ 60

# ПЕШГУФТОР

Маърӯзаи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд ВҲИ) барои соли 2014 дар асоси таҳлили вазъи воқеии ҳуқуқу озодиҳои инсон, пешрафту дастовардҳо ва камбудиву норасоиҳои самтҳои алоҳидаи ҳуқуқи инсон ва саҳми мақомоти ВҲИ ва дигар мақомоту сохторҳои дахлдор дар пешбурд ва ҳифзи ҳуқуқи инсон таҳия шудааст.

Ҳадафи асосии Маърӯза шинос намудани мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, созмонҳои байналмилалӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ бо фаъолияти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар соли 2014 ва вазъи ҳуқуқу озодиҳои инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин давра буда, дар он ҷиҳати бартараф намудани камбудиву норасоиҳо ва пешгирии вайронкунии ҳуқуқу озодиҳои инсон тавсияҳои мушаххас пешниҳод шудаанд.

Маърӯза аз 2 қисм, пешгуфтор ва хотима иборат буда, қисми якум ба фаъолияти мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар соли 2014 бахшида шуда, фарогири масъалаҳои вобаста ба самтҳои афзалиятноки фаъолияти мақомоти ВҲИ ҶТ мебошад. Вобаста ба самтҳои фаъолият талаботи қонунгузории амалкунанда, натиҷаҳои корҳои анҷомдодашуда, нишондодҳои оморӣ, дастовардҳо, мушкилоти ҷойдошта, таклифу пешниҳодҳо оид ба бартараф намудани монеаҳо ва беҳтар намудани вазъи мавҷуда баён шудаанд.

Қисми дуюм «Вазъи риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ном дошта, бо дарназардошти муроҷиатҳои шаҳрвандон, вазъи мавҷудаи ҳуқуқу озодиҳои инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, иҷрои уҳдадориҳои байналмилалии Тоҷикистон таҳия шуда, таҳлили ҳуқуқу озодиҳои ҷудогонаи инсон ва шаҳрвандро дар бар мегирад. Аз натиҷаи таҳлилҳо ҷиҳати бартараф намудани норасоиҳо, пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо ва пешбурди ҳуқуқ ва озодиҳои инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияҳои мушаххас баён шудаанд.

Дар чаҳор маърӯзаҳои қаблӣ бо мақсади пешбурди ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ба таваҷҷуҳи мақомоти дахлдори давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ вобаста ба самтҳои ҳуқуқи инсон 335 тавсияҳои мушаххас пешниҳод гардиданд. Аз ҷумла, дар самти ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ 169 тавсия, дар самти ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ 113 тавсия ва дар самти ҳуқуқҳои кӯдак 53 тавсия дода шудаанд. Таҳлили рафти иҷрои тавсияҳо нишон медиҳад, ки аз 335

тавсияҳои пешниҳодшуда 108 адад пурра, 107 адад қисман ва 120 адад дар ҳоли иҷро мебошанд.

Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон итминон дорад, ки мақомоти дахлдори давлатӣ дар ҳамбастагӣ бо сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ҷиҳати амалӣ намудани тавсияҳое, ки дар маърӯзаҳои солонаи ВҲИ омадаанд, чораҳои заруриро меандешанд ва дар пешбурди ҳуқуқ ва озодиҳои инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳм мегузоранд.

Маърӯзаи мазкур тибқи моддаи 24 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳия гардида, ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод мегардад. Ҳамчунин Маърӯза барои дигар мақомоти давлатӣ, ташкилотҳои ғайридавлатӣ ва созмонҳои байналмилалӣ, ки дар соҳаи ҳуқуқу озодиҳои инсон фаъолият менамоянд ва аҳли ҷомеа пешбинӣ шуда, дар матбуоти чопӣ ва электронӣ мавриди нашр қарор мегирад.

## 1. ФАЪОЛИЯТИ МАҚОМОТИ ВАКОЛАТДОР ОИД БА ҲУҚУҚИ ИНСОН ДАР СОЛИ 2014

### 1.1. Мурочиатҳои шаҳрвандон

Дар мақомоти ВҲИ ҶТ тӯли соли 2014 3252 (с.2013 – 2528 адад) мурочиати шаҳрвандон (381 адад – хаттӣ ва 2871 адад - шифоҳӣ) ба қайд гирифта шудааст, ки аз онҳо 542 (с.2013 – 492 адад) мурочиат (243 – хаттӣ ва 299 – шифоҳӣ) дар Дастгоҳи марказии ВҲИ ва 2710 (с.2013 – 2036 адад) мурочиат (138 – хаттӣ ва 2572 – шифоҳӣ) аз тарафи 11 Қабулгоҳи ҷамъиятии ВҲИ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ қабул ва баррасӣ шудаанд.

Дар Дастгоҳи марказии ВҲИ аз ҷониби сокинони шаҳри Душанбе 109 адад (соли 2013 – 90 адад), вилояти Хатлон – 31 адад (соли 2013 – 48 адад), вилояти Суғд – 35 адад (соли 2013 – 61 адад), ВМКБ – 0 адад (соли 2013 – 3 адад), шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ – 50 адад (соли 2013 – 51 адад), берун аз ҷумҳурӣ – 17 адад (соли 2013 – 20) мурочиатҳои хаттӣ ба қайд гирифта шудаанд.

Мурочиатҳои хаттӣ аз ҷониби мардҳо – 119 адад (соли 2013 – 147 адад), аз ҷониби занон – 103 адад (соли 2013 – 103 адад), гуруҳи одамон – 9 ададро ташкил медиҳанд. Ҳамчунин тавассути Дафтари Комиссариати Олии СММ оид ба ҳуқуқи инсон – 1 адад, Ваколатдорон оид ба ҳуқуқи инсони дигар давлатҳо – 5 адад, ташкилотҳои ғайридавлатӣ – 2 адад ва дигар ташкилотҳо – 3 адад мурочиатҳо ворид гардиданд.

**Мурочиатҳои хаттӣ тибқи таснифот ба ҳуқуқу озодиҳои зерини инсон ва шаҳрванд тааллуқ доранд:**

- ҳуқуқи инсон ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ – 31 адад (с. 2013 – 18 адад);
- ҳуқуқ ба муҳокимаи одилонаи судӣ – 17 адад (с. 2013 – 52 адад);
- ҳуқуқи шахсони аз озодӣ маҳрумшуда – 12 адад (с. 2013 – 18 адад);
- ҳуқуқи мурочиат ба мақомоти давлатӣ – 16 адад (с. 2013 – 9 адад);
- ҳуқуқи даъват ба хизмати ҳарбӣ – 4 адад (с. 2013 – 1 адад);
- ҳуқуқ ба шаҳрвандӣ – 4 адад (с. 2013 – 3 адад);
- ҳуқуқ ба озодии ибрози ақида – 1 адад;
- ҳуқуқи гурезагон – 2 адад;
- ҳуқуқ ба моликият – 22 адад (с. 2013 – 30 адад);
- ҳуқуқ ба манзил – 58 адад (с. 2013 – 40 адад);
- ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ – 16 адад ( с. 2013 –16 адад);
- ҳуқуқ ба саломатӣ – 4 адад (с. 2013 – 4 адад);
- ҳуқуқ ба меҳнат – 3 адад (с. 2013 –16 адад);
- ҳуқуқи муҳоҷирони меҳнатӣ – 6 адад (с. 2013 – 15 адад);
- ҳуқуқ ба фаъолияти озоди иқтисодӣ ва соҳибкорӣ – 2 адад (с. 2013 – 2 адад);

- ҳуқуқҳои кӯдак – 18 адад (с. 2013 – 8 адад);
- ҳуқуқ ба муҳити зисти солим – 3 адад;
- ҳуқуқи муаллиф – 1 адад;
- ҳуқуқ ба робитаи оилавӣ – 1 адад (с. 2013 – 9 адад);
- ҳуқуқ ба саломатӣ – 2 адад;
- ҳуқуқ ба интихоби маҳалли зист – 1 адад;
- дигар ҳуқуқҳо – 31 адад (с. 2013 – 35 адад).

Аз 243 адад аризаҳои хаттии шаҳрвандон, ки дар Дастгоҳи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон мавриди баррасӣ қарор дода шуданд, нисбати қарор ё амали (беамалии) субъектони зерин шикоят карда шудааст:

- мақомоти судӣ – 66 адад (с. 2013 – 91 адад);
- мақомоти прокуратура – 12 адад (с. 2013 –14 адад);
- ВКД – 22 адад (с. 2013 – 26 адад);
- Вазорати мудофиа (комис. ҳарбӣ) – 14 адад (с. 2013 – 4 адад);
- ВКХ – 2 адад ( с. 2013 – 1 адад);
- Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ – 2 адад;
- Вазорати адлия – 9 адад (нисбати судиҷрочиён) (с. 2013 – 19 адад)
- КДАМ – 5 адад (соли 2013 – 4 адад);
- СРИҶҶ ВА – 9 адад (с. 2013 – 11 адад);
- Хадамоти алоқа – 1 адад;
- мақомоти маориф – 6 адад;
- мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ – 13 адад (с. 2013 – 9 адад);
- мақомоти давлатии дигар давлатҳо – 7 адад ( с. 2013 – 12 адад);
- адвокатура – 1 адад (с. 2013 – 0 адад);
- ташкилотҳо – 10 адад (с. 2013 –16 адад);
- шахсони мансабдор – 7 адад (с. 2013 – 7 адад);
- шахсони воқеӣ – 12 адад (с. 2013 – 4 адад);
- мусоидатнамоӣ – 45 адад (с. 2013 – 37 адад).

Натиҷаи баррасии муроҷиатҳо нишон медиҳад, ки шаҳрвандон дар соли 2014 нисбати мақомоти судӣ (66 адад) бештар шикоят намудаанд, ҳарчанде ки ин нишондиҳанда нисбат ба соли 2013 (91 адад) тамоюли камшавӣ дорад. Чунин ҳолат нисбати ВКД ҶТ низ ба назар мерасад ва агар дар соли 2013 нисбати ин мақомот 26 муроҷиат ба қайд гирифта шуда бошад, пас дар соли 2014 ин нишондод 22 ададро ташкил медиҳад.

Муроҷиатҳои хаттӣ нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта дар самти ҳуқуқ ба манзил 18 адад зиёд шуда, нисбати ҳуқуқ ба меҳнат 9 адад, ҳуқуқи муҳоҷирони меҳнатӣ 9 адад, ҳуқуқ ба моликият 8 адад ва ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ 2 адад кам шудаанд.

Афзоиши мурочиатҳо дар самти мусоидат ба ҳимояи ҳуқуқ ба озодӣ аз шиканҷа, ҳуқуқ ба озодӣ ва дахлнопазари шахсӣ низ боиси нигаронӣ мебошад, зеро агар дар соли 2013 шумораи чунин мурочиатҳо ҳамагӣ 18-то бошанд, пас дар соли 2014 миқдори онҳо ба 31 адад расидааст.

Таҳлили мурочиатҳо дар самти мазкур нишон медиҳад, ки шаҳрвандон дар мурочиатҳои худ аксар вақт аз ғайриқонунӣ дастгир шудан, наандешидани чораҳои қонунӣ нисбати шахсони гунаҳгор, кашолакорӣ дар тафтиши парвандаҳои ҷиноятӣ, зери шиканҷа ва лату кӯб қарор гирифтан, ғайриқонунӣ ва беасос оғоз ё қатъ намудани парвандаи ҷиноятӣ шикоят намудаанд. Баъзе шаҳрвандон хоҳиш менамоянд, ки барои фаҳмидани сабабҳои дастгиршавии фарзандонашон ба онҳо мусоидат карда шавад.

Таҳлили мурочиатҳои шаҳрвандон инчунин нишон медиҳанд, ки дар баъзе мавридҳо санадҳои қабулнамудаи судӣ оид ба маскун намудан ба манзил, рӯёнидани алимент ба кӯдакон иҷро намешаванд. Аз ин ҳолатҳо мурочиатҳои шаҳрвандон С.Ш., А.Б., Ҳ.С. дарак медиҳанд. Мурочиатҳои мазкур барои андешидани чораҳо ба Вазорати адлия фиристода шудаанд.

Дар баъзе ҳолатҳо шаҳрвандон дар мурочиатҳои худ аз Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон хоҳиш менамоянд, ки кормандони мақомот дар мурофиаҳои судии онҳо иштирок намоянд. Дар давраи сипаришуда намояндагони ВҲИ зиёда аз 20 маротиба дар мурофиаҳои судӣ иштирок намуданд.

Ҳамзамон, шаҳрвандон ба ВҲИ бо аризаҳое низ мурочиат мекунанд, ки ҳалли онҳо ба салоҳияти ВҲИ дохил намешавад. Масалан, шаҳрванд Х.Ҳ. оид ба дароз намудани муҳлати пардохти маблағи сохтмони манзили истиқоматӣ ва аз ошёнаи поёнтар додани ҳуҷраи истиқоматӣ, шаҳрванд Ҳ.М. барои иваз намудани манзили истиқоматӣ, шаҳрванд С.М. барои гирифтани манзили истиқоматӣ, як гурӯҳи шаҳрвандон оид ба маҳрум кардан аз ҳуқуқи модарӣ мурочиат намудаанд. Мурочиатҳои мазкур тибқи тобеияти идоравӣ ба мақомоти дахлдор фиристода шуда, ба шаҳрвандон роҳҳои ҳалли масъалаҳои дар мурочиаташон нишон додашуда фаҳмонида шуданд.

Натиҷаҳои таҳлили мурочиатҳои шифоҳии шаҳрвандон аз он шаҳодат медиҳанд, ки дар байни онҳо низ шикоятҳо нисбати мақомоти судӣ аксариятро (74 адад) ташкил медиҳанд. Гурӯҳи дигари мурочиатҳои шифоҳӣ, ки зиёданд (88 мурочиат), ба ҳуқуқ ба манзил дахл доранд.

Мурочиатҳои шифоҳии шаҳрвандон тибқи қонунгузории амалкунандаи ҶТ баррасӣ гардида, ба онҳо маслиҳатҳои ҳуқуқии дахлдор дода шудааст.

### 1.2. Санҷиши вазъи риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон

Дар соли 2014 тибқи Нақшаи кори мақомот ва дар асоси муроҷиатҳои шаҳрвандон ҷиҳати ҳалли мушкилоти мавҷуда 50 санҷишҳо (с. 2013 – 34) гузаронида шуданд. Дар ин раванд бо мақсади мусоидат ба ҳимояи ҳуқуқи инсон дар 20 муассисаҳои пӯшида ва қисман пӯшида санҷишу мониторингҳо гузаронида шуданд.

Ҷиҳати тақвияти корҳо дар ин самт дар назди ВҲИ аз ҳисоби намояндагони мақомоти давлатии дахлдор ва Эътилофи ташкилотҳои ғайридавлатии зидди шиканҷа Гуруҳи мониторингӣ таъсис дода шудааст, ки соли 2014 тибқи Низомнома ва Нақшаи кори тасдиқшуда дар 7 муассисаҳои пӯшида ва нимпӯшида мониторинг гузаронид. Натиҷаҳои фаъолияти Гуруҳи мониторингӣ моҳи сентябри соли 2014 дар мизи мудаввар бо иштироки кормандони мақомоти давлатӣ, ташкилотҳои ғайридавлатӣ, созмонҳои байналмилалӣ ва ВАО мавриди муҳокима қарор гирифт.

Инчунин, дар якҷоягӣ бо ТҶ “Дафтари озодиҳои шаҳрвандӣ”дар 3 қисмҳои ҳарбии Вазорати мудофиаи ҶТ мониторинги вазъи риояи ҳуқуқҳои хизматчиёни ҳарбӣ гузаронида шуд.

### 1.3. Такмили қонунгузорӣ оид ба ҳуқуқу озодиҳои инсон

Бо мақсади мусоидат намудан дар такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳуқуқи инсон кормандони Дастгоҳи Ваколатдор 50 лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқиро (с. 2013 - 66 адад) мавриди омӯзиш қарор дода, нисбати онҳо хулосаву пешниҳодҳо таҳия намуданд.

Аз ҷумла, вобаста ба лоиҳаҳои Қонуни конститутсионии ҶТ “Дар бораи мақомоти Прокуратураи ҶТ”, қонунҳои ҶТ “Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ”, “Дар бораи муқовимат ба қонунгузории (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории тероризм”, “Дар бораи иштироки ҷомеа дар ҳифзи муҳити зист”, “Дар бораи кӯмакҳои унвонии иҷтимоӣ”, “Кодекси манзили ҶТ”, “Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ”, “Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ”, қарорҳои Пленуми Суди Олии ҶТ “Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қарори Пленуми Суди Олии ҶТ “Дар бораи татбиқи қонунгузорӣ оид ба баъзе масъалаҳое, ки дар таҷрибаи судӣ ҳангоми баррасии парвандаҳо марбут ба эътирофи ҳуқуқи моликият ба сохтмони худсарона ба миён меоянд”, “Дар бораи риоя намудани принсипи ошкоро будани муҳокимаи одилонаи судӣ ба дастрасии иттилоот оид ба фаъолияти судҳо” хулосаҳои мушаххас пешниҳод карда шуданд.

Бо ибтикори ВҲИ дар ҳамкорӣ бо Вазорати адлияи ҶТ лоиҳаи Қонуни ҶТ “Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни ҶТ “Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ” бо иштироки намояндагони мақомоти давлатӣ, созмонҳои байналмилалӣ ва сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ мавриди муҳокимаи ҷамъиятӣ қарор дода шуд.

Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ва кормандони Дастгоҳи ӯ дар гуруҳҳои корӣ оид ба таҳияи лоиҳаи Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи шаҳрвандии ҶТ» ва Консепсияи расонидани ёрии ҳуқуқии бемузд иштирок намуданд.

Инчунин, дар соли сипаришуда дар мақомот 2 лоиҳаи санадҳои дохилиидоравӣ, аз ҷумла “Дастур оид ба гузаронидани санҷиш аз рӯи муроҷиати шаҳрвандон ва ҳолатҳои вайроншавии ҳуқуқи инсон” ва “Низомнома дар бораи намояндаи ВҲИ дар вилояти Свердловски ФР” таҳия карда шуданд.

**1.4. Баланд бардоштани маърифати шаҳрвандон оид ба ҳуқуқи инсон**

Яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти мақомоти ВҲИ ҶТ самти иттилоотонӣ мебошад. Бо мақсади тақвият додани фаъолияти иттилоотонӣ Нақшаи баромадҳои кормандони мақомоти ВҲИ дар Радиои Тоҷикистон, Радиои “Садои Душанбе” ва ТВ “Ҷаҳоннамо” таҳия ва тасдиқ карда шуда, амалисозии онҳо дар соли 2014 пурра ба анҷом расонида шуд.

Дар соли 2014 кормандони мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар воситаҳои ахбори омма 203 маротиба (с. 2013 – 196) баромад карданд.

*Баромадҳо дар ВАО - солҳои 2013-2014*




Бо мақсади таъмин намудани дастрасии ҷомеа ба фаъолияти мақомоти ВҲИ мунтазам нишастҳои матбуотии Ваколатдор доир мегарданд. Аз ҷумла, рӯзҳои 7 феврал ва 31 июли соли 2014 дар бинои мақомоти ВҲИ нишастҳои матбуотии ВҲИ бо иштироки намояндагони васоити ахбори оммаи ватанӣ ва хориҷӣ ташкил ва гузаронида шуданд. Барои иштирокчиёни нишастҳои матбуотӣ адабиёти соҳавӣ ва Варақаҳои иттилоотӣ оид ба фаъолияти мақомоти Ваколатдор оид ба

ҳуқуқи инсон бо забонҳои русӣ ва тоҷикӣ омода ва дастрас карда шуданд.

Дар ин давра Маърӯзаи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон барои соли 2013 омода ва дар муҳлатҳои муқаррарнамудаи Қонун «Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба мақомоти дахлдори давлатӣ ирсол карда шуд. Маърӯза ба забонҳои русӣ ва англисӣ тарҷума ва ба нашр расонида шуда, матни он дар Сомонаи интернетии Ваколатдор ҷой дода шудааст.

Рӯзи 16 июни соли 2014 дар мақомоти ВҲИ бо иштироки намояндагони мақомоти давлатӣ, созмонҳои ғайридавлатӣ ва байналмилалӣ ва ВАО мизи мудаввар дар мавзӯи "Нақши мақомоти ВҲИ дар пешрафт ва ҳифзи ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2009-2014" баргузор гардид ва зимни чорабинии мазкур фаъолияти мақомоти ВҲИ дар солҳои 2009-2014 муаррифӣ карда шуда, аз ҷониби иштирокчиёни чорабинӣ мавриди муҳокима ва натиҷагирӣ қарор дода шуд.

Дар идомаи мизи мудаввар аз ҷониби Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон барои рӯзноманигорони ватаниву хориҷӣ нишасти матбуотӣ доир карда шуд. Ба иштирокчиёни чорабинӣ Барномаи муаррифӣ, Варақаҳои иттилоотӣ оид ба фаъолияти мақомоти ВҲИ дар солҳои 2009-2014 бо забонҳои русӣ ва тоҷикӣ, Маърӯзаи ВҲИ барои соли 2013 ва дигар адабиёти соҳавӣ дастрас карда шуд.

Бо дарназардошти афзалиятнок будани самтҳои ҳифзи ҳуқуқи кӯдак, муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо дар Сомонаи интернетии ВҲИ 2 саҳифаи ҷудогона ифтитоҳ шудааст, ки дар онҳо санадҳои байналмилалӣ ва миллӣ, мақолаю гузоришҳо дар самтҳои зикршуда ҷой дода шуда, маслиҳатҳои муфиди ҳуқуқӣ пешниҳод карда мешаванд.

Дар соли 2014 мувофиқи нақша 4 шумораи маҷаллаи «Ахбори ВҲИ ҶТ» ба чоп расонида шуда, дар чорабиниҳои мақомоти ВҲИ ва тавассути Қабулгоҳҳои ҷамъиятии ВҲИ дар маҳалҳо ба мақомоту муассисаҳо ва аҳолӣ ба тариқи ройгон дастрас карда шуданд.

Буклети «Ба Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон чӣ тавр бояд мурочиат кард» бо забонҳои русӣ ва тоҷикӣ аз нав таҳия карда шуда, бо теъдоди 1000 нусха нашр карда шудааст.

Инчунин, дар доираи амалӣ намудани корҳои иттилоотонӣ бо мақсади баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон ва таҳким бахшидани донишҳои касбии кормандони соҳа аз ҷониби ВҲИ якчанд маводҳо, аз ҷумла "Мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон – 5 соли ташаккул ва рушд", Дастурамал "Дар бораи дастгиркунӣ", "Маълумотномаи кисагӣ оид ба стандартҳои

байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои кормандони маҳбасҳо", "Ҳуқуқҳои меҳнатии шаҳрвандони хориҷӣ ва дигар маслиҳатҳои муфид", "Маҷмӯаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ ва миллии зидди шиканҷа", "Тавсияҳои мақомоти СММ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқу озодиҳои инсон" ва "Дастур оид ба масъалаҳои тайёрии касбии кормандони маҳбасҳо дар соҳаи ҳуқуқи инсон" таҳия, тарҷума ва нашр карда шуданд.

Дар давраи сипаришуда иштироки кормандони мақомоти ВҲИ ҶТ дар 113 (дар соли 2013 - 83) семинару конференсия ва мизҳои мудаввар оид ба ҷанбаҳои гуногуни ҳуқуқ ва озодиҳои инсон таъмин карда шуда, бо ташаббуси ВҲИ 29 (дар соли 2013 - 13) семинару конференсия ва мизҳои мудаввар ташкил ва гузаронида шуданд.

Оид ба семинару вохӯриҳои болоӣ ва дигар чорабиниҳои мақомоти ВҲИ дар Сомонаи интернетии Ваколатдор хабару гузоришҳо ҷой дода шудаанд. Муҳтавои Сомонаи интернетии ВҲИ пайваста нав карда шуда, фаъолияти муназзами он ба роҳ монда шудааст.

Баланд бардоштани донишҳои шаҳрвандон дар соҳаи ҳуқуқи инсон ва омодагии онҳо ба ҳифзи ҳуқуқҳои худ яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон мебошад ва дар ин раванд амалисозии Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 2013-2020, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2012, №678 тасдиқ гардидааст, идома дорад.

Айни замон барои татбиқи Барнома дар назди Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон Шӯрои ҳамоҳангсози байниидоравӣ аз ҷумлаи роҳбарони сохторҳои таълимии вазоратҳо, идораҳо ва муассисаҳои олии таълимӣ ва дигар ташкилотҳо таъсис дода шудааст.

Бахри иҷрои марҳилаи якуми татбиқи Барнома (солҳои 2013-2014) соли 2013 қарорҳои Шӯрои ҳамоҳангсози байниидоравӣ «Дар бораи тасдиқи Низомномаи Шӯрои ҳамоҳангосози байниидоравӣ оид ба татбиқи Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон», «Дар бораи тасдиқи Нақшаи чорабиниҳо ҷиҳати иҷрои марҳилаи якуми Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 2013-2020» қабул гардидаанд.

Бо мақсади таҳия ва тасдиқи барномаҳои мақсаднок, дастурҳои методӣ оид ба иҷрои самтҳои асосии Барнома ва барои амалисозии дигар чорабиниҳои пешбинишуда бо қарори Шӯро шаш гурӯҳи корӣ дар самтҳои зерин таъсис дода шуданд:

- таълими хизматчиёни давлатӣ;
- таълими кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва муассисаҳои системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ;
- таълими хизматчиёни ҳарбӣ;

- таълими судяҳо ва кормандони мақомоти судӣ;
- таълим дар муассисаҳои миёнаи махсус ва олӣ;
- таълим дар муассисаҳои таълимии миёнаи умумӣ.

Аз ҷониби гуруҳҳои кории мазкур 17 барномаҳои мақсаднок таҳия гардида, бо ҷонибдории Шӯро барои дар муассисаҳои таҳсилотӣ ҷорӣ намудани фанни таълимӣ оид ба ҳуқуқи инсон ба Вазорати маориф ва илми ҶТ ва дигар идораҳои дахлдор ирсол шудаанд.

**1.5. Қабулгоҳҳои ҷамъиятии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон**

Соли 2014 мукаммалгардонии дастрасии мақомоти ВҲИ идома дода шуда, бо дастгирии Ҳукумати ҶТ ва мусоидати мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳои Хатлон ва Суғд 3 Қабулгоҳҳои ҷамъиятии нави ВҲИ дар ноҳияҳои Қумсангир ва Қубодиёни вилояти Хатлон ва шаҳри Исфараи вилояти Суғд таъсис дода шуданд. Онҳо имрӯз дар баробари Қабулгоҳҳои ҷамъиятии Ваколатдор дар шаҳрҳои Турсунзода, Роғун, Кӯлоб, ноҳияҳои Айниву Рашт ва марказҳои вилоятӣ – шаҳрҳои Хуҷанд, Қӯрғонтеппа ва Хоруғ фаъолият менамоянд.

Соли сипаришуда 4 Қабулгоҳи ҷамъиятии ВҲИ дар шаҳрҳои Роғуну Кӯлоб ва ноҳияҳои Қумсангиру Айнӣ аз тарафи Ниҳоди Даниягӣ оид ба ҳуқуқи инсон, 2 Қабулгоҳи ҷамъиятии ВҲИ дар шаҳри Турсунзода ва ноҳияи Рашт аз тарафи ТБҶ Швейтсарии Ҳелветас ва 2 Қабулгоҳи ҷамъиятии ВҲИ дар шаҳри Исфара ва ноҳияи Қубодиён аз тарафи Барномаи Рушди СММ дар Тоҷикистон маблағгузорӣ карда шуданд. Қобили қайд аст, ки 3 Қабулгоҳи ҷамъиятии ВҲИ дар марказҳои вилоятӣ – шаҳрҳои Хуҷанд, Қӯрғонтеппа ва Хоруғ аз моҳи январи соли 2014 аз тарафи буҷаи давлатӣ маблағгузорӣ карда мешаванд.

Дар ин давра аз тарафи Қабулгоҳҳои ҷамъиятии ВҲИ 2710 (138 – хаттӣ ва 2572 – шифоҳӣ) мурoҷиати шаҳрвандон баррасӣ шудаанд, ки нисбат ба соли 2013 (2036 адад ва аз онҳо 115 – хаттӣ ва 1921 – шифоҳӣ) 674 адад зиёд мебошанд.

Муроҷиатҳои хаттии аз тарафи Қабулгоҳҳои ҷамъиятии ВҲИ баррасишуда (138 адад) асосан ба ҳуқуқҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ вобаста мебошад.

Тибқи таснифот муроҷиатҳои шифоҳие, ки аз тарафи Қабулгоҳҳои ҷамъиятии Ваколатдор дар соли 2014 баррасӣ шудаанд, ба ҳуқуқу озодиҳои зерини инсон ва шаҳрванд тааллуқ доранд:

- ҳуқуқи муроҷиат ба мақомоти давлатӣ – 143
- ҳуқуқ ба муҳокимаи одилонаи судӣ –74
- ҳуқуқ ба шаҳрвандӣ – 32
- ҳуқуқ ба ифрози ақида – 12

- озодӣ аз шиканҷа – 5
- ҳуқуқ ба интихоби маҳалли зист – 3
- ҳуқуқ ба ҳимоя – 58
- ҳуқуқҳои хизматчиёни ҳарбӣ – 18 адад
- ҳуқуқ ба ҳаёти шахсӣ ва оилавӣ – 281
- ҳуқуқ ба мерос – 98 адад
- ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ – 191
- ҳуқуқ ба меҳнат – 107
- ҳуқуқ ба шароитҳои одилона ва мусоиди меҳнат – 87
- ҳуқуқҳои муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо – 29 адад
- ҳуқуқ ба соҳибкорӣ ва фаъолияти озоди иқтисодӣ – 74
- ҳуқуқ ба сатҳи зиндагии арзанда – 33
- ҳуқуқи истеъмолкунандагон – 12
- ҳуқуқ ба моликият – 152
- ҳуқуқ ба манзил – 177
- ҳуқуқ ба замин – 372
- ҳуқуқ ба саломатӣ – 3
- ҳуқуқ ба робитаҳои оилавӣ – 143
- ҳуқуқ ба алимент – 99
- ҳуқуқ ба таҳсил – 18
- ҳуқуқи кӯдак – 82
- ҳуқуқҳои этникӣ ва динӣ – 1
- мусоидаткунӣ – 268 адад.

Таҳлили мурочиатҳои болоӣ нишон медиҳад, ки дар минтақаҳои ҷумҳурӣ мушкилиҳо асосан дар самти ҳуқуқҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ хеле зиёданд ва аксарияти мурочиатҳо дар самти ҳуқуқ ба замин (372 адад), ҳуқуқ ба ҳаёти шахсӣ ва оилавӣ (281 адад), ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ (191 адад), ҳуқуқ ба манзил (177 адад), ҳуқуқ ба моликият (152 адад), ҳуқуқ ба муносибатҳои оилавӣ (143 адад) ва амсоли инҳо мебошанд.

Аз ҷониби Қабулгоҳҳои ҷамъиятии ВҲИ гузаронидани мониторинги ҳуқуқҳои алоҳида дар минтақаҳо сол аз сол вусъат меёбад ва дар ин самт фаъолияти Қабулгоҳҳои ҷамъиятӣ дар шаҳрҳои Хуҷанд, Роғун ва ноҳияҳои Рашту Айнӣ назаррас мебошад.

Ҳамкориҳои Қабулгоҳҳои ҷамъиятии ВҲИ бо мақомоти давлатӣ, сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва созмонҳои байналмилалӣ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ тақвият меёбанд. Ҷаласаҳои Шӯрои ҷамъиятии назди Қабулгоҳҳои ҷамъиятии ВҲИ дар мухлатҳои муқарраргардида баргузор мешаванд, лекин мониторинги фаъолияти онҳо нишон медиҳад, ки ҷалби аъзои Шӯроҳои ҷамъиятӣ ба фаъолияти ҳамарӯзаи

Қабулгоҳҳо нокифоя мебошад ва аз потенсиали мавҷудаи аъзоёни Шӯроҳои ҷамъиятӣ ба пуррагӣ истифода бурда намешавад.

### 1.6. Ҳамкориҳои мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон

Дар ин давра бо мақсади таҳкими ҳамкориҳо бо созмонҳои байналмилалӣ аз тарафи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон 31 вохӯриву мулоқотҳои судманд анҷом дода шуданд. Аз ҷумла, чунин вохӯриҳо бо Директори Барномаи Рушди СММ дар Тоҷикистон Норимаса Шимомура, Маърӯзачии махсуси СММ оид ба шиканҷа Хуан Мендез, намояндагони Бонки Осиёии Рушд, намояндагони ВКХ Швейтсария оид ба ҳуқуқи инсон, намояндагони КБСС дар Тоҷикистон, намояндагони САҲА оид ба ақаллиятҳои миллӣ, намояндаи PRI, гуруҳи кории ҳамкориҳои Омбудсменҳои Тоҷикистон ва вилояти Свердловски ФР оид ба ҳифзи ҳуқуқи муҳоҷирони меҳнатӣ, аъзои зеркумитаи шиканҷаи СММ, намояндагони Ташкилоти Байналмилалии Муҳоҷират дар Тоҷикистон, Сафири Британияи Кабир ва дигарҳо доир гардиданд.

Дар доираи ҳамкориҳо ВҲИ бо мақсади таҳким ва пешбурди ҳуқуқ ва озодиҳои инсон дар 72 ҷаласаву семинарҳо ва мизҳои мудаввару конференсияҳо маърӯза намуда, 10 маротиба ба минтақаҳои ҷумҳурӣ ва 4 маротиба ба хориҷи кишвар сафарҳои хизматӣ анҷом доданд.

Бо дастгирии Ниҳоди Даниягӣ оид ба ҳуқуқи инсон то имрӯз 12 шумораи маҷаллаи «Ахбори ВҲИ ҶТ» бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ ба табъ расонида шуда, баромадҳои кормандони мақомоти ВҲИ ва коршиносони соҳа дар барномаҳои радиоӣ ва телевизионӣ пурра таъмин карда шуданд. Ҳамчунин бо дастгирии Ниҳоди мазкур фаъолияти Қабулгоҳҳои ҷамъиятии ВҲИ дар 4 минтақаи ҷумҳурӣ идома дода шуд.

Ҷиҳати таҳким бахшидани иқтидори мақомоти ВҲИ бо дастгирии ҳамшарикони байналмилалӣ пайваста барои кормандони мақомот семинарҳои омӯзишӣ ташкил ва гузаронида мешаванд.

Дар доираи амалигардонии Нақшаи якҷояи мақомоти ВҲИ ҶТ, созмонҳои байналмилалӣ ва Эътилофи ташкилотҳои ғайридавлатии зидди шиканҷа Рӯзи ҳуқуқи инсон дар Тоҷикистон дар сатҳи баланд ҷашн гирифта шуд. Бахшида ба ин ҷашн аз ҷониби ВҲИ ва кормандони Дастгоҳи он дар телевизион ва радиоҳои ҷумҳуриявӣ силсилабарномаҳо гузаронида шуда, дар рӯзномаҳои «Ҷумҳурият», «Азия+» ва дигар нашрияҳои чопиву электронӣ оид ба ҳуқуқ ва озодиҳои инсон дар ҶТ гузоришу мақолаҳо ба табъ расиданд.

Рӯзи 6 декабри соли 2014 дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо дастгирии ВҲИ дар мавзӯи «Такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳуқуқи инсон» бахшида ба 30-юмин солгарди қабули

Конвенсияи зидди шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф Конференсияи илмӣ–амалии ҷумҳуриявӣ ташкил ва гузаронида шуд.

Инчунин дар дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ, аз ҷумла дар водии Рашт (3 декабр дар ноҳияи Рашт), дар вилояти Суғд (6 декабр дар шаҳри Хуҷанд) ва дар вилояти Хатлон (8 декабр дар шаҳри Қӯрғонтеппа) бахшида ба Рӯзи ҳуқуқи инсон мизҳои мудаввар баргузор гардиданд.

Дар ҷамъбасти чорабиниҳо рӯзи 10 декабри соли 2014 дар Китобхонаи миллӣ мизи мудаввар дар мавзӯи «Садои ҷомеа дар раванди мубориза бар зидди шиканҷа» баргузор гардид. Чорабинии ҷашнии мазкур бо ибтикори Ваколатдор оид ба ҳуқуки инсон, Дафтари САҲА дар Тоҷикистон, Ниҳоди Даниягӣ оид ба ҳуқуқи инсон ва Эътилофи ташкилотҳои ғайридавлатии зидди шиканҷа ташкил ва гузаронида шуд.

Ҳамзамон бахшида ба ин ҷашн роликҳои махсус бо дастгирии Намояндагии Дафтари Швейтсарӣ оид ба ҳамкорӣ дар Тоҷикистон дар ТВ «Ҷаҳоннамо» ва бо дастгирии Намояндагии Иттиҳоди Аврупо дар Тоҷикистон тавассути мониторҳои калоне, ки дар хиёбонҳои маркази шаҳри Душанбе насб карда шудаанд, намоиш дода шуданд.

Бо дарназардошти он ки Рӯзи ҳуқуқи инсон соли 2014 зери шиори «Садои ҷомеа дар раванди мубориза бар зидди шиканҷа» таҷлил гардид, бо ибтикори ВҲИ ҷиҳати такмил додани донишҳои касбии кормандони муассисаҳои иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар шаҳрҳои Қӯрғонтеппа ва Хуҷанд аз ҷониби гуруҳи корӣ бо иштироки ВҲИ семинарҳои омӯзишӣ гузаронида шуданд.

### 1.7. Таъминоти молиявии фаъолияти мақомоти ВҲИ ҶТ

Дар соли 2014 барои мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ 1 111 426,75 сомонӣ ҷудо шуданд.

Инчунин аз ҳисоби маблағҳои Ниҳоди Даниягӣ оид ба ҳуқуқи инсон барои амалӣ намудани фаъолияти Қабулгоҳҳои ҷамъиятии ВҲИ дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ барои соли 2014 ба маблағи 416 133 сомонию 04 дирам сарф гардид, ки аз он 61000,00 сомонӣ барои тарғибу ташвиқи ҳуқуқу озодиҳои инсон равона гардидааст.

Аз давраи 1 январ то 31 июни соли 2014 аз ҳисоби маблағҳои Хазинаи кӯдакони СММ (ЮНИСЕФ) барои амалӣ намудани фаъолияти Шуъбаи ҳифзи давлатии ҳуқуқҳои кӯдак ба маблағи 65 437 сомонию 04 дирам сарф шудааст.

Аз ҳисоби маблағҳои Ҳелветас Свисс Интеркооперейшн барои амалӣ намудани фаъолияти Қабулгоҳҳои ҷамъиятии ВҲИ дар шаҳри

Турсунзода ва ноҳияи Рашт дар соли 2014 ба маблағи 68 554 сомонию 61 дирам ҷудо гардид.

Аз давраи 1 май то 31 декабри соли 2014 аз ҳисоби маблағҳои Барномаи рушди СММ (UNDP) барои амалӣ намудани фаъолияти Қабулгоҳҳои ҷамъиятии ВҲИ дар шаҳри Исфара ва ноҳияи Қубодиён 52 550 сомонию 42 дирам сарф шудааст.

Дар маҷмуъ, аз давраи 1 январ то 31 декабри соли 2014 барои мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 602 675 сомонию 11 дирам маблағҳои грантӣ ҷудо шудааст.

Маблағҳои зикршуда барои рушди фаъолияти мақомот ва пешрафти ҳуқуқи инсон сарф шуданд.

# 2. ВАЗЪИ РИОЯИ ҲУҚУҚУ ОЗОДИҲОИ ИНСОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 2.1. Ҳуқуқ ба ҳифзи судӣ ва муҳокимаи одилонаи судӣ

Мавҷудияти низоми мустақил ва беғарази судӣ яке аз шартҳои муҳими рушди демократия, таҳкими афзалияти ҳуқуқу озодиҳои инсон мебошад.

Дар кишвар бо мақсади ташаккули низоми судӣ, такмили сохтори судҳо ва васеъ намудани салоҳияти онҳо, баланд бардоштани малакаи касбии судяҳо, ҳалли масъалаҳои ташкилии фаъолияти судҳо чораҳои муҳими стратегӣ андешида шудаанд. Қонунҳои қабулгардида, аз ҷумла қонунҳои конститутсионии ҶТ «Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон», қонунҳои мурофиавӣ, тағйиру иловаҳое, ки ба қонунҳои дахлдор ворид гардидаанд, дар ин раванд нақши муҳим мебозанд.

Аз соли 2007 инҷониб дар мамлакат бо мақсади таҳкими ҳокимияти судӣ ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ идома дорад. Бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Барномаи нави ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ барои солҳои 2015-2017 ва Нақшаи чорабиниҳо оид ба татбиқи Барномаи мазкур тасдиқ карда шуд.

Бо вуҷуди чораҳои андешидашаванда дар самти мазкур проблемаҳо боқӣ мемонанд ва ин боиси муроҷиатҳои сершумори шаҳрвандон ба мақомоти дахлдор мегардад.

Тавре аз маълумотҳои пешниҳодкардаи Шӯрои адлия бармеояд, соли 2014 шумораи шикоятҳои шаҳрвандон нисбати амалҳои судяҳо, сари вақт баррасӣ накардани парвандаҳо, норозӣ будан бо санадҳои судӣ, иҷро нашудани санадҳои судӣ дар маҷмуъ 1125 ададро ташкил доданд, ки дар натиҷаи санҷишҳои гузаронидашуда ваҷҳҳои 121 аризаҳо тасдиқи худро ёфтанд ва ҷиҳати бартараф намудани камбудиҳо чораҳои дахлдор андешида шуданд. Нисбати 3 нафар судя ҷазои интизомӣ таъин гардидааст.

Соли 2014 ба ВҲИ 66 муроҷиати хаттӣ нисбати мақомоти судӣ ворид гардидааст. Чун пештара миқдори зиёди ин муроҷиатҳоро норозигии шаҳрвандон нисбати ҳалномаҳои судӣ вобаста ба манзил, молу мулк, сари вақт иҷро нагардидани ҳалномаҳои судӣ, хусусан вобаста ба маскун намудан ва пардохти алимент ташкил медиҳанд. Дигар масъалае, ки шаҳрвандон онро дар муроҷиатҳояшон иброз менамоянд, санҷиши асоснокии санадҳои судӣ, аз ҷумла вобаста ба парвандаҳои ҷиноятӣ мебошанд, ки шаҳрвандон бекор кардани онҳоро талаб менамоянд. Тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда танҳо

марҳилаи болоии судӣ қонунӣ ва асоснок будани санадҳои судиро баҳогузорӣ карда метавонад, ки дар ин бора ба муроҷиаткунандагон фаҳмонида мешавад.

Дар баъзе муроҷиатҳои шаҳрвандон вайрон шудани принсипҳои мурофиавӣ ба назар мерасанд. Аз муроҷиатҳо бармеояд, ки судҳо бо баҳонаи дар аризаҳои даъвогии шаҳрвандон ҷой доштани камбудиҳо онҳоро қабул намекунанд, ки ин ҳолат ба принсипҳои асосии адолати судӣ мухолифат менамояд.

Шаҳрвандон К.Д. ва Ш.Ш. дар муроҷиатҳои шифоҳии худ ба ВҲИ аз он шикоят намудаанд, ки аризаҳои даъвогии онҳо дар бораи муқаррар намудани падарӣ ва рӯёнидани алимент аз ҷониби судҳо қабул нашудааст.

Тибқи талаботи Кодекси мурофиавии гражданӣ (моддаи 136) судя уҳдадор аст дар давоми се рӯз аз рӯзи ворид гардидани аризаи даъвогӣ ба суд масъалаи ба мурофиаи судӣ қабул намудани аризаи даъвогиро баррасӣ карда, дар хусуси қабули аризаи даъвогӣ таъинот қабул намояд.

Мувофиқи моддаи 139 бошад, агар судя муайян намояд, ки аризаи даъвогӣ ба суд бе риояи талаботи моддаҳои 134 ва 135 ҳамин Кодекс (шакл ва мазмуни аризаи даъвогӣ, ҳуҷҷатҳое, ки ба аризаи даъвогӣ замима карда мешаванд) пешниҳод шудааст, оид ба беҳаракат мондани ариза таъинот қабул мекунад ва дар ин хусус аризадиҳандаро огоҳ намуда, ба ӯ барои ислоҳи норасоиҳо муҳлат медиҳад.

Агар аризадиҳанда дар муҳлати муқарраршуда норасоиҳои дар таъинот номбаршударо ислоҳ кунад, аризаи даъвогӣ аз рӯзи пешниҳоди ибтидоии он ба суд пешниҳодшуда эътироф мегардад. Дар акси ҳол аризаи даъвогӣ пешниҳодшуда ба ҳисоб намеравад ва ба аризадиҳанда бо ҳамаи ҳуҷҷатҳои ба ариза замимагардида баргардонида мешавад.

Яъне дар ҳар сурат аризаи даъвогӣ бояд қабул карда шуда, баъдан масъалаҳои рад намудан, баргардонидан ё беҳаракат мондани он бо таъиноти асосноки суд ҳал карда шаванд.

ВҲИ барои аз ҷониби судҳо қабул гардидани муроҷиатҳои шаҳрвандон К.Д. ва Ш.Ш. мусоидат намуд.

Қонунгузории мурофиавӣ кафолати аз ҷониби судҳо дар муҳлатҳои дахлдор баррасӣ намудани парвандаҳоро низ муқаррар намудааст, аммо дар таҷриба кашолкорӣ зимни баррасии парвандаҳои судӣ аз ҷумлаи камбудиҳое мебошад, ки шаҳрвандон дар муроҷиатҳои худ ба Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон масъалагузорӣ менамоянд.

Шаҳрванд М.М. ба ВҲИ муроҷиат намуда, дар бораи аз ҷониби суди ноҳияи Синои шаҳри Душанбе сари вақт ба суди шаҳри Душанбе ирсол накардани шикояти кассатсионии ӯ шикоят кардааст. Ҳамзамон ӯ

қайд намудааст, ки баррасии аризаи даъвогии ӯ оид ба беэътибор донистани шартномаи қабули мерос дар асоси қонун, беэътибор донистани шартномаи хариду фурӯши манзили истиқоматӣ, беэътибор донистани шартномаи туҳфа, аъзои оила эътироф намудан ва кӯчонидан аз манзили истиқоматӣ дар суди ноҳияи Сино зиёд тӯл кашидааст. Мурочиати мазкур барои чорачӯӣ ба Шӯрои адлияи ҶТ ирсол гардид. Тавре аз мактуби ҷавобии Шӯрои адлия бармеояд, бинобар дар мӯҳлатҳои муқаррарнамудаи қонун таъмин накардани баррасии парвандаи мазкур бо судя дар назди роҳбарияти Шӯрои адлия суҳбат гузаронида шуд ва ӯ барои минбаъд роҳ надодан ба чунин камбудиҳо таъкид карда шудааст.

Яке аз омилҳои муҳими дастрасӣ ба адолати судӣ дастрасӣ ба ёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла ёрии ҳуқуқии ройгон мебошад. Ин масъала аз ҷониби Гурӯҳи корӣ оид ба таҳияи лоиҳаи Қонуни ҶТ «Дар бораи расонидани ёрии ҳуқуқӣ» мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Гурӯҳи корӣ айни ҳол дар асоси омӯзиши таҷрибаи дигар давлатҳо оид ба ташкили низоми давлатии ёрии ҳуқуқии ройгон Консепсияи расонидани ёрии ҳуқуқии ройгонро таҳия намудааст. Соли 2014 лоиҳаи Консепсияи мазкур дар мизҳои мудаввар, ки дар минтақаҳои гуногуни мамлакат бо иштироки васеи намояндагони мақомоти давлатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятии дар самти расонидани ёрии ҳуқуқӣ фаъолиятбаранда доир гаштанд, муаррифӣ карда шуда, бо дарназардошти пешниҳодҳои иштирокчиён такмил дода шуд.

Амалӣ гардонидани ҳуқуқи конститутсионии шаҳрвандон ба ёрии ҳуқуқии ихтисоснок аз бисёр ҷиҳат аз вазъи институти адвокатура вобастагӣ дорад. Айни ҳол дар ҷумҳурӣ бо мақсади ташкили низоми мутамарказ ва самараноки адвокатура аз ҷониби Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ Қонуни ҶТ «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ» қабул карда шудааст.

Шаффофгардонии фаъолияти судҳо ва дастрасӣ ба иттилоот доир ба фаъолияти онҳо дар амалӣ гардонидани адолати судӣ хеле муҳим аст. Айни ҳол дар шабакаи интернетӣ 53 судҳои шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ сомонаҳои худро дошта бошанд ҳам, таҳлили маводҳои сомонаҳо нишон медиҳад, ки муҳтавои онҳо беҳбудиро тақозо менамояд.

Гарчанде қонуни мурофиавии ҷиноятӣ намудҳои зиёди чораҳои пешгириро муайян кардааст, судҳо ҳанӯз зимни баррасии масъалаи интихоби чораи пешгирӣ бештар дархостҳои мақомоти тафтишотро дастгирӣ намуда, чораи пешгирии ба ҳабс гирифтанро интихоб мекунанд. Тавре аз иттилооти пешниҳоднамудаи Шӯрои адлияи ҶТ бармеояд, аз 3984 дархости мақомоти тафтишоти пешакӣ оид ба татбиқи

чораи пешгирӣ дар намуди ба ҳабс гирифтан 3959 дархост қонеъ гардида, 25 дархост рад карда шудааст.

Миқдори ҳукмҳои сафедкунанда, ки соли 2014 аз ҷониби судҳои ҶТ бароварда шудаанд (21 нафар), назар ба соли 2013 (16 нафар) зиёд аст. Аз 21 нафар судшаванда 16 нафар пурра ва 5 нафар қисман сафед карда шудаанд.

Иҷрои санадҳои судӣ давраи ниҳоии адолати судӣ буда, сари вақт ва самаранок иҷро намудани онҳо шарти муҳими таҳкими низоми ҳуқуқии давлат ва омили муҳими боварии одамон нисбати адолати судӣ мебошад. Дар доираи Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ ислоҳоти истеҳсолоти иҷро амалӣ карда мешавад. Аммо таҷриба нишон медиҳад, ки имрӯз ислоҳоти дар ин соҳа гузаронидашаванда тамоми душвориҳои дар ин самт ҷойдоштаро ҳал накардааст.

Муроҷиатҳои ба ВҲИ воридгардида аз ҷой доштани камбудиҳои муайян дар самти мазкур дарак медиҳанд. Норозигии муроҷиаткунандагон асосан бо иҷро нашудани санадҳои судӣ вобаста ба маскун намудан, пардохти алимент ва пардохти қарз вобастаанд.

Тибқи маълумоти пешниҳоднамудаи Вазорати адлияи ҶТ соли 2014 ба иҷрочиёни суд ҳамагӣ 44641 адад ҳуҷҷати иҷро ворид гардида, нисбати онҳо истеҳсолоти иҷро оғоз карда шудааст. Аз 44641 истеҳсолоти иҷрои оғозгардида ва 6711 истеҳсолоти иҷрои аз соли гузашта боқимонда иҷрои 35641 истеҳсолот ба таври воқеӣ таъмин карда шудааст.

Яке аз омилҳои асосии гузаронидани муҳлати амалҳои иҷро ва ба таври дахлдор иҷро нагардидани ҳуҷҷатҳои иҷро оид ба масъалаҳои молу мулк, қарздорӣ, пардохти алимент ин нарасидани теъдоди иҷрочиёни суд мебошад. Бо татбиқи Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва зиёдшавии парвандаҳои маъмурӣ ва оилавӣ теъдоди судяҳои судҳои ҷумҳурӣ зиёд гардида, теъдоди иҷрочиёни суд бошад, тағйир наёфтааст.

Воридшавии ҳуҷҷатҳои иҷро низ сол то сол тамоюли зиёдшавӣ дорад. Соли 2014 дар қиёс бо соли 2008 (судиҷрочиён аз тобеияти судҳо ба тобеияти Вазорати адлия гузаронида шуданд) 92,6% зиёдтар ҳуҷҷати иҷро ворид гардидааст.

Мушкилии дигаре, ки иҷрои санадҳои судиро душвор мегардонад, ҳангоми таҳқиқ, тафтиш ва баррасии парвандаҳо дар сатҳи зарурӣ наандешидани чораҳо оид ба таъмини даъво ва мусодираи молу мулки судшаванда барои иҷрои пурраи санадҳои судӣ мебошад.

**Дар самти дастрасӣ ба ҳифзи судӣ ва муҳокимаи одилонаи судӣ тавсияҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:**

***- андешидани чораҳо ҷиҳати таъмини пурраи кафолатҳои ҳифзи судӣ;***

***- қабули Консепсияи расонидани ёрии ҳуқуқии ройгон ва такмили қонунгузорӣ дар бораи ёрии ҳуқуқӣ;***

***- таъмин шаффофияти фаъолияти судҳо, дар сомонаи судҳо ҷойгир намудани маълумоти дахлдор оид ба санаи баррасии парвандаҳо ва дигар иттилоот;***

***- андешидани тадбирҳо ҷиҳати такмили сохтор ва фаъолияти иҷрочиёни судӣ.***

### 2.2. Ҳуқуқ ба дахлнопазирии шахсӣ, озодӣ аз шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф

Масъалаи риояи ҳуқуқ ба дахлнопазирии шахсӣ, озодӣ аз шиканҷа дар робита бо фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ баррасӣ мегардад. Таъмини ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон афзалияти асосии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, зеро мутобиқи моддаи 5 Конститутсияи (Сарқонуни) ҶТ инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои он арзиши олӣ мебошанд. Инчунин, дар асоси қонунгузорие, ки фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқро ба танзим медарорад, яке аз вазифаҳои асосии мақомоти мазкур ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, аз ҷумла ҳифзи онҳо аз кирдорҳои ғайриқонунӣ мебошад.

Ҳамзамон аз ҷониби сохторҳои дахлдори СММ ба ҷумҳурӣ миқдори зиёди тавсияҳо вобаста ба беҳтар намудани фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар самти мазкур пешниҳод шудаанд ва айни ҳол бо мақсади иҷрои тавсияҳои мазкур чорабиниҳои дахлдор андешида шуда истодаанд.

Теъдоди муроҷиатҳои хаттии соли 2014 ба мақомоти ВҲИ дар самти мусоидат ба озодӣ ва дахлнопазирии шахсӣ воридгардида 31 ададро ташкил медиҳад, ки назар ба соли 2013 13 адад зиёд аст.

Шаҳрвандон дар муроҷиатҳои худ аз наандешидани чораҳои саривақтӣ оид ба ошкор намудани ҷиноятҳо, кашолкорӣ дар тафтиши парвандаҳои ҷиноятӣ, ғайриқонунӣ дастгир шудан, ғайриқонунӣ ва беасос оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ, наандешидани чораҳои саривақтӣ оид ба дастгир намудан ва ба ҷавобгарӣ кашидани шахсони гунаҳгор шикоят намудаанд.

Шаҳрванд О.А. ба мақомоти ВҲИ муроҷиат намуда, дар бораи наандешидани чораҳои қонунӣ вобаста ба ҳолати марги писараш О.С., муайян намудан ва ба ҷавобгарӣ кашидани шахсони гунаҳгор шикоят намудааст. Прокуратураи ноҳияи Нуробод ба ҳалокат расидани О.С.-ро

ҳодисаи нохуш дониста, вобаста ба ҳолати мазкур оғоз намудани парвандаи ҷиноятиро рад намудааст.

Бинобар зарурати санҷиши ҳолатҳои дар муроҷиати мазкур дарҷгардида ВҲИ онро ба Прокуратураи генералӣ ирсол намуд. Дар натиҷаи санҷиш қарори прокуратураи ноҳия бекор карда шуда, мавод барои санҷиши иловагӣ баргардонида шуд.

Дар ҷумҳурӣ мушкилоти шиканҷа дар сатҳи баланди давлатӣ эътироф ва маҳкум карда мешавад. Президенти мамлакат дар Паёмҳои худ ба Маҷлиси Олии ҶТ ва дар баромадҳои худ зимни вохӯрӣ бо кормандони ҳифзи ҳуқуқ борҳо дар бораи зарурати риояи қатъии ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон ва нораво будани истифодаи шиканҷа ва муносибати дағалона таъкид намудаанд. Роҳбарияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ низ дар бораи зарурати пурзӯр намудани мубориза бо ин зуҳурот борҳо изҳор намудаанд.

Яке аз қадамҳои мусбӣ дар ин самт тасдиқи Нақшаи чорабиниҳо доир ба мубориза бар зидди шиканҷа тибқи тавсияҳои Кумитаи зидди шиканҷаи СММ ва Маърӯзачии махсуси СММ оид ба масъалаҳои шиканҷа мебошад ва ҳоло ҷиҳати иҷрои Нақшаи мазкур тадбирҳои дахлдор андешида мешаванд.

Барои таҳкими фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар самти мазкур як қатор санадҳои махсус таҳия ва қабул гардиданд. Аз ҷумла, бо мақсади баланд бардоштани касбияти кормандони мақомоти прокуратура ва такмили амалияи назорати прокурорӣ доир ба пешгирии шиканҷа аз ҷониби Прокуратураи генералӣ Дастури илмӣ-методӣ «Дар бораи заминаҳои ҳуқуқӣ ва ташкили фаъолияти мақомоти прокуратура оид ба пешгирӣ, ошкор ва таҳқиқу тафтиши ҳолатҳои азобу шиканҷа» қабул шудааст, ки он аз экспертизаи байналмилалӣ гузашта, ба сифати намуна дар мақомоти прокуратураи давлатҳои иштирокчии ИДМ истифода мешавад.

31 январи соли 2014 аз ҷониби Прокурори генералии ҶТ Дастур «Дар бораи тадбирҳои иловагии пурзӯр намудани назорати прокурорӣ дар самти ҳимояи ҳуқуқи инсон, баррасии холисона ва ҳаматарафаи муроҷиатҳои шаҳрвандон, бахусус дар мавриди таҳқиқу тафтиши ҷиноятҳо» ба имзо расид, ки дар он як қатор тадбирҳои иловагӣ дар самти пешгирии шиканҷа пешбинӣ шудаанд.

Тибқи талаботи банди 2.14 Нақшаи чорабиниҳои Барномаи ислоҳоти милитсия барои солҳои 2014-2020, ки бо қарори Ҳукумати ҶТ №296 аз 3 майи соли 2014 қабул гардидааст, дар бештари ШВКД дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ камераҳои мушоҳидавӣ насб карда шудаанд.

Новобаста аз чораҳои андешидашаванда ҳоло ҳам дар фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҳолатҳои истифодаи шиканҷа ва лату кӯб ба назар мерасанд.

Соли сипаришуда ба мақомоти ВҲИ ҳамагӣ 5 мурочиат (с. 2013 – 10 мурочиат), аз ҷумла се мурочиат оид ба ҳолатҳои эҳтимолии истифодаи шиканҷа зимни таҳқиқу тафтиш ва ду мурочиат оид ба мавриди лату кӯб қарор додани айбдоршавандагон ворид гардидааст.

Аз ҷумла, тавассути Қабулгоҳи ҷамъиятии ВҲИ дар шаҳри Исфара шаҳрванд Б.М. мурочиат намуда, шикоят кардааст, ки зимни вохӯрӣ бо писараш Б.Б., ки дар Тавқифгоҳи тафтишотии КДАМ ҶТ қарор дорад, дар сару рӯи писараш изи шиканҷаро муайян намудааст ва писараш низ инро тасдиқ кардааст. Мурочиати мазкур ҷиҳати андешидани чораҳои қонунӣ тибқи тобеият ба Прокуратураи генералӣ ирсол карда шуда, айни ҳол зери назорат қарор дорад.

Дар мурочиатҳои шаҳрвандон Н.А. ва Л.Т., ки яке нисбати амалҳои кормандони милитсияи ШВКД ноҳияи Тавилдара ва дигаре нисбати кормандони ШВКД шаҳри Ваҳдат шикоят намудаанд, омадааст, ки кормандони мақомоти номбурда онҳоро ба шуъбаи корҳои дохилӣ оварда, бо сӯистифода аз ваколатҳои мансабӣ мавриди лату кӯб қарор доданд.

Мувофиқи маълумоти Прокуратураи генералӣ соли 2014 ба мақомоти прокуратура 13 мурочиат ва хабару маълумот (с. 2013 – 16 мурочиат) оид ба истифодаи шиканҷа ва дигар намудҳои зӯроварӣ дар рафти таҳқиқу тафтиш дохил шудааст.

Бо моддаи 143[1] Кодекси ҷиноятии ҶТ ягон парвандаи ҷиноятӣ оғоз нашуда бошад ҳам, оиди ғайриқонунӣ дастгир ва лату кӯб намудани шаҳрвандон аз ҷониби кормандони мақомоти корҳои дохилӣ 3 парвандаи ҷиноятӣ бо моддаи 316 КҶ ҶТ оғоз карда шудааст. Дар натиҷаи тафтиши парвандаҳои мазкур дар ду ҳолат гунаҳгорон ба ҷавобгарӣ кашида шуда, дар ҳолати сеюм бинобар тағйир ёфтани вазъият парвандаи ҷиноятӣ қатъ карда шудааст.

Тибқи маълумоти Вазорати корҳои дохилӣ нисбати 83 нафар кормандони мақомоти корҳои дохилӣ оид ба муносибати дағалона ва поймол намудани ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон мурочиатҳо ворид гардидаанд. Нисбати ҳар як мурочиат санҷиши хизматӣ гузаронида шуда, кормандони ба чунин амал роҳдода ба ҷазоҳои гуногуни интизомӣ кашида шудаанд.

Баъзан ҳолатҳои ба хунукназарӣ роҳ додани шахсони масъул ба назар мерасанд. Масалан, шаҳрванд Ҳ.Н., ки барои ҷинояти duздӣ ҳамчун гумонбар дастгир шуда, дар Тавқифгоҳи нигоҳдошти муваққатии

ШВКД н. Вахш нигоҳ дошта мешуд, 1 апрели соли 2014 бо истифода аз хунукназарии навбатдор Н.З. бо либоси тагпушаш худро овехта, ба ҳалокат расидааст.

Прокуратураи ноҳияи Вахш нисбати Н.З. бо моддаи 322 қисми 2 КҶ ҶТ (хунукназарӣ) парвандаи ҷиноятӣ оғоз ва бо анҷоми тафтишот ба суд ирсол намуд ва номбурда бо ҳукми суд ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шуд.

Аз маълумоти Эътилофи зидди шиканҷа дар ҶТ бармеояд, ки соли 2014 ба онҳо 26 муроҷиат оид ба эҳтимолияти истифодаи шиканҷа ворид гардидааст.

Баъзан муроҷиаткунандагон аз рафти санҷиши аризаҳои худ оид ба истифодаи шиканҷа ва дигар рафтори ғайриқонунии кормандони мақомоти таҳқиқу тафтиш шикоят менамоянд. Тавре онҳо иброз медоранд, баъди рад шудани аризаашон онҳо ба мақомоти болоӣ шикоят меоранд, мақомоти болоӣ қарорҳои оид ба рад намудани оғози парвандаҳои ҷиноятиро бекор карда, маводҳоро барои санҷиши иловагӣ ба ҳамон мақомоте, ки қарорро баровардааст, ирсол менамояд. Мақомот аз нав қарори рад мебарорад ва ин ҳолат беохир тӯл кашида, муроҷиаткунандагон солиёни дароз ҳалли ниҳоии муроҷиатҳои худро ёфта наметавонанд.

Ин ҳолатро ташкилотҳои ҷамъиятӣ низ, ки дар самти расонидани ёрии ҳуқуқӣ ба ҷабрдидагони шиканҷа фаъолият мебаранд, тасдиқ менамоянд.

Санҷиши саривақтӣ, дақиқ ва беғаразИ тамоми муроҷиатҳо оид ба истифодаи шиканҷа ва дигар намудҳои муносибати бераҳмона, ки яке аз уҳдадориҳои давлати аъзои Конвенсияи зидди шиканҷа мебошад, барои сари вақт ба ҷавобгарӣ кашидани гунаҳгорон, пешгирӣ намудани беҷазо мондан ва дар ниҳояти кор пешгирӣ намудани шиканҷа мусоидат менамояд. Дар ин бора сохторҳои дахлдори СММ низ ба ҷумҳурӣ тавсия додаанд.

Душвории дигар дар самти пешгирӣ ва мубориза бар зидди шиканҷа мавҷуд набудани ниҳоди экспертизаи тиббии мустақил аст. Оид ба омӯзиши имконияти таъсис додани ин институт дар Нақшаи миллии амал оид ба татбиқи тавсияҳои давлатҳои аъзои Шӯрои СММ оид ба ҳуқуқи инсон дар доираи Шарҳи универсалии даврӣ чорабиниҳо пешбинӣ шудаанд ва аллакай Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар ҳамкорӣ бо ташкилотҳои ҷамъиятӣ барои кормандони тиббӣ тибқи Протоколи Стамбул ҳуҷҷатҳои дахлдорро таҳия намуда, ҳамзамон коршиносони тиббӣ бо омӯзиши стандартҳои байналмилалии

гузаронидани ташхис тибқи Протоколи Стамбул фаро гирифта мешаванд.

Мушкилоти дигар дар ин самт, ки ҳанӯз ҷой дорад, дастрасии шахси дастгиршуда ба адвокат аз лаҳзаи дастгиршавӣ мебошад. Ҳанӯз дар таҷриба ҳолатҳое ҷой доранд, ки гумонбаршудагон ҳангоми гирифтани баёнот ва пурсиши якум ба адвокат дастрасии бевосита надоранд. Чун қоида шикоятҳои гумонбаршудагон ва ҳимоятгарон дар ин хусус беэътино мемонанд. Баъзан ҳангоми суҳбат бо мурочиаткунандагон онҳо иброз медоранд, ки муфаттишон ба онҳо маслиҳат медиҳанд, ки аз гирифтани адвокат даст кашанд ва ин барои шахсони дастгиршуда дар оянда боиси оқибатҳои ногувор мегардад.

Кормандони ВҲИ бо мақсади омӯзиши вазъи риояи ҳуқуқи инсон ҳангоми дастгиршавӣ, сари вақт ба қайд гирифтани дастгиршудагон ва пурра таъмин намудани ҳуқуқҳои онҳо ба ШВКД-и ноҳияҳои Сино, Фирдавсӣ, Шоҳмансур ва И. Сомонии шаҳри Душанбе ташриф оварда, ба ҳайати шахсии шуъбаҳои зикршуда дар бораи стандартҳои байналмилалии муносибат бо дастгиршудагон, ухдадориҳои байналмилалии ҶТ ва иҷро шудани онҳо аз ҷониби ҶТ ва тавсияҳои сохторҳои СММ маълумот пешниҳод намуданд ва ба онҳо маводҳои дахлдори аз ҷониби ВҲИ нашршударо пешниҳод карданд.

Зимни ташриф маълум гардид, ки Дастурамал "Дар бораи дастгиркунӣ", ки аз ҷониби 6 мақомоти ҳифзи ҳуқуқ тасдиқ шудааст, на дар ҳамаи шуъбаҳо мавҷуд буда, китобҳои бақайдгирии дастгиршудагон ба талаботи Дастурамали мазкур мутобиқат намекунанд. Ҷиҳати рафъи камбудиҳои ошкоршуда ВҲИ дар ҳамкорӣ бо ВКД Дастурамали мазкурро бо теъдоди 600 нусха нашр ва дастрас намуд.

Дар масъалаи риояи ҳуқуқи инсон зимни дастгиркунӣ ва пешгирии шиканҷа баланд бардоштани касбияти кормандони мақомоте, ки бо дастгиркунӣ сару кор доранд, хеле муҳим аст. Бо ин мақсад ВҲИ пайваста оид ба омӯзонидани стандартҳои байналмилалии ҳуқуқи инсон чорабиниҳои иттилоотӣ ва семинару машваратҳо мегузаронад.

Ҷиҳати мусоидат дар пешгирии шиканҷа соли 2014 Ваколатдор як қатор маводҳо, аз ҷумла Маҷмӯи санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ ва миллии зидди шиканҷа ва Китобчаи кисагӣ барои кормандони муассисаҳои маҳрумӣ ва маҳдудкунии озодӣ (дар шакли саволу ҷавоб) нашр кард, ки зимни воҳӯрию мониторингҳо онҳоро ба кормандони муассисаҳои мазкур пешниҳод менамояд.

Тибқи Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 2013-2020 барои судяҳо, хизматчиёни давлатии шаҳрвандӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва ҳарбӣ барномаҳои таълимӣ пешбинӣ шудааст, ки дар доираи

онҳо омӯзиши стандартҳои байналмилалии пешгирии шиканҷа низ ба роҳ монда мешавад.

**Дар самти ҳуқуқ ба дахлнопазирии шахсӣ, озодӣ аз шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф тавсияҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:**

***- таъмини тафтишоти саривақтӣ ва беғаразонаи тамоми муроҷиатҳо оид ба истифодаи шиканҷа;***

***- гузаронидани семинарҳои омӯзишӣ бо кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҷиҳати омӯзиш ва татбиқи Дастурамал "Дар бораи дастгиркунӣ";***

***- андешидани чораҳо оид ба таъсис додани институти ташхиси тиббии мустақил.***

**2.3. Ҳуқуқи инсон дар муассисаҳои пӯшида ва қисман пӯшида**

Дар ҷумҳурӣ барои такмили низоми иҷрои ҷазо, беҳтар намудани вазъи нигоҳдории шахсони аз озодӣ маҳрумшуда, аз ҷумла таъминоти моддию маишии маҳкумшудагон дар доираи имкониятҳои мавҷуда чораҳои дахлдор андешида мешаванд.

Қонунгузории амалкунанда, ки низоми иҷрои ҷазои ҷиноятиро ба танзим медарорад, бо дарназардошти принсипу меъёрҳои умумиэътирофшудаи байналмилалӣ ва тавсияҳои сохторҳои дахлдори СММ пайваста такмил дода мешавад.

Соли 2014 дар натиҷаи иқдоми инсондӯстонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати шахсони аз озодӣ маҳрумшуда дар арафаи ҷашни 20-солагии қабули Конститутсияи ҶТ Қонуни ҶТ "Дар бораи авф" қабул гардид, ки барои ба кору зиндагии осоишта баргардонидани маҳкумшудагон мусоидат хоҳад кард.

Мувофиқи қонуни мазкур авфи беш аз даҳ ҳазор нафар, пеш аз ҳама занон, ноболиғон, беморон, пиронсолон, маъюбон, ки барои ҷиноятҳои гуногун маҳкум шудаанд ва таҳти тафтиш ва баррасии судӣ қарор доштанд, пешбинӣ гардидааст. Айни ҳол қонуни мазкур нисбати 12077 нафар татбиқ карда шудааст, ки аз ин 377 нафарашонро занон ташкил медиҳанд.

Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии ҶТ ҳуқуқи маҳкумшудагонро ба ҳифзи саломатӣ, аз ҷумла вобаста ба хулосаи тиббӣ ба гирифтани ёрии ибтидоии тиббиву беҳдорӣ ва махсуси тиббӣ дар шароити амбулаторию дармонгоҳӣ ё беморхонавӣ кафолат додааст.

Дар ҷумҳурӣ бо мақсади таъмини шароит ҷиҳати ҳифзи саломатии маҳкумшудагон пайваста чораҳо андешида мешаванд. Бо ин мақсад аз ҳисоби сохторҳои Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии ҶТ гуруҳҳои махсус ташкил карда мешаванд, ки ба ҳамаи муассисаҳои

системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ташриф оварда, муоинаи тиббию қабули маҳкумшудагонро мегузаронанд.

Бо вуҷуди чораҳои андешидашаванда дар давоми соли 2014 дар муассисаи муолиҷавӣ ва қисмҳои тиббии муассисаҳои зертобеи Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятӣ 80 нафар маҳкумшудагон аз касалиҳои гуногун фавтидаанд. Аз ҷумла, аз бемории сил 25 нафар, касалиҳои дарунӣ 53 нафар.

Яке аз воситаҳои асосии ислоҳи маҳкумшудагон ба меҳнати фоиданок ҷалб намудани онҳо мебошад. Новобаста ба чораҳои дар ин самт андешидашаванда тибқи иттилои Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар соли 2014 аз шумораи умумӣ танҳо 2100 нафар маҳкумшудагон (с. 2013 – 2124 нафар) ба кори музднок ҷалб карда шуданд.

Соли 2014 аз тарафи Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар ҳамкорӣ бо Вазорати саноат ва технологияҳои нави ҶТ лоиҳаи Барномаи ташкили меҳнат ва рушди истеҳсолоти саноатӣ дар муассисаҳои ислоҳии ҶТ барои солҳои 2015-2020 таҳия ва пешниҳод карда шуд, ки он бо Қарори Ҳукумати ҶТ № 739 аз 1 декабри соли 2014 тасдиқ гардид. Қабули Барномаи мазкур ва татбиқи самараноки он дар амалия имконияти ба меҳнати музднок ҷалб гардидани шумораи бештари маҳкумшудагони хоҳишдошта, қонеъ гардонидани талаботи худи онҳо, кӯмак расонидан ба оилаашон ва ҷамъоварии пасандози зарурӣ барои ҷобаҷошавии онҳо баъди адои ҷазо мусоидат менамояд.

Маҳкумшудагоне, ки ислоҳ гардидани худашонро нишон додаанд, барои пеш аз муҳлат шартан аз адои ҷазо озод шудан ҳуқуқ доранд ва ин чора маҳкумшудагонро ба рафтори хуб ва ислоҳшавӣ водор менамояд.

Дар соли 2014 дар мувофиқа бо мақомоти прокуратура ба судҳои ҷумҳурӣ барои пеш аз муҳлат аз адои ҷазо озод намудан маводҳои 511 нафар маҳкумшудагон пешниҳод гардида, аз он 496 нафар қонеъ ва 15 нафар бо сабаби хавфнокии ҷинояти содирнамудаи онҳо рад карда шудааст.

Дар натиҷаи дар муассисаҳои нигоҳдошти маҷбурӣ ҷойгир кардани инсон на танҳо озодиҳо, балки дигар ҳуқуқҳо ва имконияти ҳифзи онҳо маҳдуд карда мешаванд. Бинобар ин ба масъалаҳои мусоидат ба риояи ҳуқуқу озодиҳои шахсоне, ки дар чунин муассисаҳо нигоҳ дошта мешаванд, аҳамияти махсус зоҳир карда мешавад.

Бо ин мақсад ва ҷиҳати иҷрои Нақшаи миллӣ оид ба татбиқи тавсияҳои давлатҳои аъзои Шӯрои СММ оид ба ҳуқуқи инсон вобаста ба Шарҳи универсалии даврии ҶТ ва Нақшаи чорабиниҳо доир ба мубориза бар зидди шиканҷа тибқи тавсияҳои Кумитаи зидди шиканҷаи СММ ва Маърӯзачии махсуси СММ оид ба масъалаҳои шиканҷа

гузаронидани чорабиниҳо оид ба омӯзиши имконияти ба тасвиб расонидани Протоколи иловагии Конвенсияи зидди шиканҷа ва таъсис додани механизми миллии пешгирикунанда пешбинӣ шудааст. Ҷиҳати иҷрои Нақшаи мазкур бо ташаббуси ВҲИ соли 2013 гуруҳи мониторинги ҷойҳои маҳрумӣ аз озодӣ таъсис дода шудааст.

Гуруҳи мониторингӣ қисми таркибии Гуруҳи корӣ оид ба ташриф ва мониторинги ҷойҳои маҳрумӣ аз озодӣ мебошад, ки фаъолияти он ба ғайр аз ташрифу мониторинги ин ҷойҳо, инчунин ба гузаронидани семинару тренингҳо барои кормандони муассисаҳои пӯшида, таҳия ва пешниҳоди тавсияҳо оид ба имконияти ба тасвиб расонидани Протоколи иловагии Конвенсияи зидди шиканҷа равона шудааст.

Гуруҳи мазкур аз намояндагони Дастгоҳи ВҲИ, Суди Олӣ, Прокуратураи генералӣ, Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи ҶТ ва ташкилотҳои ҷамъиятии аъзои Эътилофи зидди шиканҷа иборат буда, дар асоси Низомнома ва нақшаи корӣ фаъолияти худро ба роҳ мондааст.

Аз ҷониби гуруҳи мониторингӣ тибқи нақшаи тасдиқгардида соли 2014 дар Тавқифгоҳҳои нигоҳдошти муваққатии ш. Душанбе ва ш. Исфара, Тавқифгоҳи тафтишотии ш. Хуҷанд, Кабулгоҳ-таҳвилгоҳ барои ноболиғони назди ВКД, муассисаи иҷрои ҷазои ҷиноятии занона дар ш. Норак, Беморхонаи ҷумҳуриявии бемориҳои руҳии ноҳияи Рӯдакӣ, Омӯзишгоҳи касбӣ-техникӣ барои ноболиғони душвортарбия дар ш. Душанбе, Диспансери наркологӣ ва Хона-интернат барои калонсолон ва маъюбон дар н. Ҷ. Расулов мониторинг гузаронида шуд.

Ҳисобот оид ба натиҷаи мониторинги муассисаҳои пӯшида ва қисман пӯшида таҳия ва ба таври ройгон дастраси омма гардонида шуд. Ҳисоботи мазкур инчунин дар мизи мудаввар бо иштироки намояндагони мақомоти давлатӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ ва ғайридавлатӣ ва васоити ахбори омма мавриди таҳлил ва муҳокимаи ҳамаҷониба қарор гирифта, оид ба фаъолияти минбаъдаи гуруҳи мониторингӣ тавсияҳои дахлдор пешниҳод шуданд.

Соли 2014 дар Қувваҳои мусаллаҳи ҷумҳурӣ 3 ҳолати дар натиҷаи муносибатҳои ғайриоинномавӣ ҳалок гардидани сарбозон ба қайд гирифта шуд. Ҳодисаҳои мазкур санҷида шуда, гунаҳгорон ба муҳлатҳои гуногун аз озодӣ маҳрум карда шуданд.

Бо мақсади омӯзиши вазъи риояи ҳуқуқи хизматчиёни ҳарбӣ ВҲИ дар охири соли 2014 дар ҳамкорӣ бо ташкилотҳои ғайридавлатӣ дар се қисми ҳарбӣ мониторинг гузаронид. Дар соли 2015 мониторингҳои мазкур идома дода шуда, аз натиҷаи онҳо ҳисобот пешниҳод карда мешавад.

Тибқи нақшаи кори мақомоти ВҲИ соли 2014 аз ҷониби кормандони мақомот дар 5 муассисаҳои пӯшида ва қисман пӯшида, аз ҷумла Тавқифгоҳи тафтишотии ш. Хоруғ, Беморхонаи вилоятии касалиҳои руҳии н. Роштқалъа, маҳбаси ш. Қурғонтеппа ва муассисаҳои ислоҳии ЯС 3/3 ва 3/5 санҷишу мониторингҳо гузаронида шуданд.

Санҷишҳои дар муассисаҳои мазкур гузаронидашуда ва пурсиши шахсоне, ки дар ин муассисаҳо нигоҳ дошта мешаванд, нишон медиҳанд, ки умуман шароити будубош ва муносибати кормандон бо онҳо қаноатбахш аст.

Зимни санҷиш дар ин муассисаҳо баъзе камбудиҳо низ ба назар мерасиданд. Масалан, дар баъзеи онҳо дар вақти гузаронидани санҷиш қувваи барқ хомӯш мешуд. Дар суҳбат бо роҳбарони муассисаҳо онҳо қайд намуданд, ки ҳолатҳои хомӯш шудани қувваи барқ дар муассисаҳо тез-тез ба вуқӯъ меоянд ва ин барои таъмини амният дар муассисаҳо хатар эҷод менамояд. Зарур аст, ки барои ба таври доимӣ бо қувваи барқ таъмин намудани муассисаҳои ислоҳӣ чораҳои дахлдор андешида шаванд.

Соли 2014 кормандони Дастгоҳи ВҲИ 12 муроҷиати шахсони аз озодӣ маҳрумшуда ва хешу табори онҳоро баррасӣ намуданд. Дар ин муроҷиатҳо норозигӣ бо ҳукмҳои судӣ ва аз нав баррасӣ гардидани онҳо талаб карда мешавад. Дар ҳолатҳои мазкур ВҲИ вобаста ба моҳияти масъалаҳои гузошташуда ба муроҷиаткунандагон маслиҳатҳои дахлдор медиҳад.

Дар баъзе муроҷиатҳо аз ВҲИ барои ба муассисаҳои дигар, аз ҷумла ба муассисаи табобатӣ гузаронидани маҳкумшудагон хоҳиш карда мешавад. Ҳамин тавр, ду муроҷиати бо ҳамин мазмун воридгардида дар ҳамкорӣ бо СРИҶҶ ВА ҶТ ҳалли мусбии худро ёфтанд.

Дар асоси муроҷиатҳои шаҳрвандон соли 2014 кормандони ВҲИ дар якчанд муассисаҳои пӯшида санҷишҳо гузарониданд. Аз ҷумла, намояндаи ВҲИ тибқи муроҷиати шаҳрванд Ҷ.З. ва Эътилофи ташкилотҳои ҷамъиятии зидди шиканҷа вобаста ба хабари гӯё аз хунукӣ дар муассисаи ЯТ 9/1 фавтидани маҳкумшуда С.М. ба муассисаи мазкур ташриф овард. Зимни ташриф намояндаи ВҲИ шахсан бо С.М. вохӯрда, маълум намуд, ки ӯ сиҳату саломат аст. Дар суҳбат бо намояндаи ВҲИ маҳкумшуда аз шароити нигоҳдошт ва муносибати кормандон изҳори қаноатмандӣ намуд.

Инчунин, мақомоти ВҲИ 2 муроҷиатро оид ба эҳтимолияти мавриди лату кӯб қарор дода шудани маҳкумшудагон баррасӣ ва мавриди санҷиш қарор дод. Санҷишҳои гузаронидашуда дар ҳарду ҳолат беасос будани ваҷҳҳои дар муроҷиат зикргардидаро тасдиқ намуданд.

Нисбати яке аз ин муроҷиатҳо санҷиши прокурорӣ низ гузаронида шуда, беасос будани шикоятро тасдиқ намуд.

ВҲИ барои хабардор шудан аз аҳволи шаҳрвандоне, ки дар дигар давлатҳо адои ҷазо менамоянд, мусоидат мекунад. Бо мусоидати ВҲИ ҶТ дар ҳамкорӣ бо Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсони вилояти Кировски ФР муроҷиаткунанда Г.А. бо фарзандаш, ки дар муассисаиислоҳии Раёсати Хадамоти федералии иҷрои ҷазои Федератсияи Россия дар вилояти Кировск адои ҷазо менамояд, робита пайдо намуд.

Ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи дониши касбии кормандони муассисаҳои иҷрои ҷазои ҷиноятӣ курсҳои кӯтоҳмуддат ва дарозмуддат ташкил карда шудааст. Соли 2014 дар Донишкадаи такмили ихтисоси кормандони Вазорати адлияи ҶТ 15 курсҳо бо иштироки 156 кормандон ва аз ҷониби ташкилотҳои байналмилалӣ 5 семинару тренингҳо бо ҷалби 80 нафар гузаронида шудааст.

Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон низ зимни амалигардонии фаъолият дар самти мусоидат ба ҳифзи ҳуқуқи шахсони аз озодӣ маҳрумшуда барои кормандони маҳбаси ш. Қурғонтеппа, муассисаҳои иҷрои ҷазои ЯС 3/3 ва ЯС 3/5-и ш. Хуҷанд дар мавзӯи «Стандартҳои байналмилалӣ ва миллии муносибат бо маҳкумшудагон» семинарҳои омӯзишӣ гузаронид.

**Дар самти риояи ҳуқуқи инсон дар муассисаҳои пӯшида ва қисман пӯшида тавсияҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:**

***- ба тасвиб расонидани Протоколи иловагӣ ба Конвенсияи зидди шиканҷа;***

***- зиёд намудани маблаггузории давлатӣ ҷиҳати беҳтар намудани шароити нигоҳдорӣ дар муассисаҳои иҷрои ҷазои ҷиноятӣ;***

***- баланд бардоштани касбияти кормандони муассисаҳои иҷрои ҷазои ҷиноятӣ тавассути омӯзонидани меъёрҳои байналмилалӣ ва миллии муносибат бо маҳбусон.***

### 2.4. Ҳуқуқ ба озодии ибрози ақида, дастрасӣ ба иттилоот ва воситаҳои ахбори омма

Дар ҷумҳурӣ заминаи ҳуқуқии ҷавобгӯ ба меъёрҳои байналмилалии таъмин ва риояи озодии сухан ва воситаҳои ахбори омма муҳайё карда шудааст. Ба шарофати фароҳам овардани шароит барои озодии сухан шумораи воситаҳои ахбори омма, аз ҷумла рӯзномаю маҷаллаҳои хусусӣ, шабакаҳои радио ва телевизиони ғайридавлатӣ тайи солҳои охир зиёд шудаанд.

Тибқи омори расмӣ имрӯз дар ҷумҳурӣ аз шумораи умумии 339 рӯзнома 213 рӯзномаи ғайридавлатӣ, аз 214 маҷалла 117 маҷаллаи

ғайридавлатӣ, аз 290 матбаа 253 матбааи ғайридавлатӣ ва аз 11 оҷонсии иттилоотӣ 10 оҷонсии иттилотии ғайридавлатӣ мебошанд. Шумораи умумии шабакаҳои радиову телевизион, ки дар қаламрави ҷумҳурӣ фаъолият менамоянд, назар ба солҳои пешин афзуда, айни ҳол 69 ададро ташкил медиҳанд, ки аз ин шумора телевизиони давлатӣ 9 адад, ғайридавлатӣ 30 адад, радиои давлатӣ 10 адад ва радиои ғайридавлатӣ 20 ададро ташкил медиҳанд.

Дастрасӣ ба иттилоот яке аз унсурҳои асосии озодии ибрози ақида мебошад. Тибқи санадҳои байналмилалии ҳуқуқи инсон иттилоот бояд барои омма дастрас бошад. Шахсони алоҳида дар сурати рад шудани пешниҳоди иттилоот бояд ҳуқуқ дошта бошанд, ки ба мақомоти мустақил бо шикоят мурочиат намоянд.

Қонуни ҶТ "Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма" ба ҳар кас тариқи воситаҳои ахбори омма дар бораи фаъолияти мақомоти давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва шахсони мансабдори онҳо гирифтани маълумоти аниқро кафолат додааст. Воситаҳои ахбори омма дар навбати худ ҳуқуқ доранд аз мақомот ахбори дахлдорро дастрас кунанд. Мақомоти давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, шахсони мансабдор вазифадоранд ба воситаҳои ахбори омма маълумоти зарурӣ дода, барои бо ҳуҷҷатҳо шинос шудани онҳо шароит фароҳам созанд.

Таҳлилҳои аз ҷониби ВҲИ гузаронидашуда, инчунин пурсише, ки Анҷумани миллии ВАО-и мустақили Тоҷикистон дар байни 63 нафар кормандони ВАО дар мавзӯи дастрасӣ ба иттилоот анҷом дод, нишон медиҳанд, ки дар самти мазкур ҳанӯз мушкилиҳо ҷой доранд.

Аз пурсиш бармеояд, ки баъзе масъулони мақомоту идораҳо дар ҷавоби дархостҳо бемасъулиятӣ намуда, ба кашолкорӣ роҳ медиҳанд, ки чунин рафтори онҳо дар аксар ҳолатҳо боиси куҳна шудани маълумот мегардад. Ҳолатҳои сарфи назар кардани дархостҳо ва беҷавоб мондани онҳо низ ҷой доранд.

Рӯзноманигорон оид ба рафти иҷрои Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи вокуниши шахсони мансабдор ба маводҳои танқидӣ ва таҳлилии воситаҳои ахбори омма" изҳори қаноатмандӣ намуда, баъзеи дигарашон қайд менамоянд, ки ҳанӯз мақомотҳое ҳастанд, ки ба маводҳои танқидии воситаҳои ахбори омма вокуниш нишон намедиҳанд.

Мушкилоти вобаста ба озодии сухан ва воситаҳои ахбори омма соли 2014 дар семинари "Иттиҳоди Аврупо – Тоҷикистон барои ҷомеаи шаҳрвандӣ", ки ҳамасола баргузор гардида, дар он масъалаҳои ҳуқуқи инсон баррасӣ мешаванд, аз ҷониби иштирокчиёни он муҳокима ва тавсияҳои дахлдор пешниҳод карда шуданд.

Бо мақсади таъмини кафолатҳои дастрасӣ ба иттилоот Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва рушд (СҲИР) дар доираи Нақшаи амалиёти Стамбулии Шабакаи мубориза бо коррупсия барои кишварҳои Аврупои Шарқӣ ва Осиёи Марказӣ ба Тоҷикистон оид ба таъсиси идораи мустақили махсуси ваколатдор оид ба баррасии муроҷиатҳо тибқи Қонуни ҶТ “Дар бораи дастрасӣ ба иттилоот” тавсия пешниҳод намуд. Ҷиҳати иҷрои тавсияҳои мазкур соли 2014 ба Қонуни ҶТ “Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” тағйироту иловаҳо ворид карда шуданд, ки тибқи онҳо ба салоҳияти ВҲИ баррасии масъалаҳои вобаста ба ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот, баррасӣ ва санҷиши муроҷиатҳои шаҳрвандон оид ба ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот вогузор карда шудааст.

Соли 2014 дар судҳои ҷумҳурӣ 4 парвандаи судӣ, ки аз он 3 парвандаи гражданӣ ва як парвандаи маъмурӣ нисбати хабарнигорон ва нашрияҳои воситаҳои ахбори омма оид ба ҷуброни зарари моддӣ ва маънавӣ мебошанд, баррасӣ шуданд. Инчунин баррасии се парвандаи дигар аз соли 2013 идома доранд.

Дар рейтинги ҳарсолаи озодии матбуот, ки аз ҷониби Созмони байналмилалии “Хабарнигорони бидуни марз” муайян карда шудааст, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷойи 115-ум қарор дорад.

Аз ҷониби воситаҳои ахбори оммаи чопӣ риоя накардани талаботи Қонуни ҶТ «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма» ва «Қоидаҳои баҳисобгирии ташкилотҳои табъу нашр ва фаъолияти табъу нашри шахсони ҳуқуқӣ» низ ба назар мерасанд, ки боиси аз ҷониби мақомоти ваколатдор ба онҳо фиристодани огоҳинома мегардад.

Интернет яке аз воситаҳои дастрасӣ ба иттилоот буда, хизматрасонии он дар ҷумҳурӣ аз ҷониби 5 оператори алоқаи мобилӣ ва 16 провайдери интернет пешниҳод карда мешавад. Ба ғайр аз ҶСК «Тоҷиктелеком», ки оператори давлатӣ мебошад, ҳамаи ширкатҳои дигар хусусианд.

Дар самти дастрасӣ ба сомонаҳои интернетӣ соли 2014 мушкилот ҷой дошт. Якчанд сомонаҳои хабарӣ, аз ҷумла tojnews.org, ca-news.org, ozodagon.com, faraj.tj, toptj.com ва шабакаҳои иҷтимоӣ, ба мисли Vkontakte, YouTube ва Facebook як муддат баста шуда буданд.

Тибқи иттилои Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати ҶТ баста шудани сомонаҳои интернетӣ баъзан аз ҷониби ширкатҳои таъминкунандаи интернет бинобар сабабҳои техникӣ сурат мегирифт.

Аммо дар мавриди гузаронидани корҳои профилактикӣ истифодабарандагони интернет бояд пешакӣ огоҳ карда шаванд.

Инчунин ширкатҳои таъминкунандаи интернет бе санади расмии судӣ ба бастани сомонаҳо бояд роҳ надиҳанд.

Созмонҳои байналмилалӣ оид ба масъалаҳои матбуот аз дастнорас шудани сомонаҳо изҳори ташвиш намуда, ҳамзамон қайд намуданд, ки ҳар гуна маҳдудияти фаъолияти сомонаҳо бояд дар чорчӯбаи қонун, дар асоси қарори суд сурат гирад.

**Дар самти ҳуқуқ ба озодии ибрози ақида, дастрасӣ ба иттилоот ва воситаҳои ахбори омма тавсияҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:**

***- аз ҷониби мақомоти давлатӣ таъмин намудани риояи пурраи муқаррароти санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор дар самти дастрасӣ ба иттилоот;***

***- пешакӣ огоҳ намудани истифодабарандагони интернет дар мавриди гузаронидани корҳои профилактикӣ дар ҳолатҳои бастани сомонаҳо;***

***- қабул намудани қонун дар бораи танзими фаъолияти интернет.***

### 2.5. Ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ

Таъминоти иҷтимоии аҳолӣ аз тарафи давлат дар Конститутсияи ҶТ муқаррар шудааст. Дар сатҳи Сарқонун кафолат дода шудани ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ нишонаи хусусияти иҷтимоӣ доштани давлат ва сиёсати он ба шумор меравад. Шахсони дар вазъи душвори ҳаётӣ қарордошта аз ҷумлаи калонсолон, модарони танҳо, маъюбон, ноболиғон, камбизоатон, нафақагирон ғамхории махсуси давлатро тақозо менамоянд. Низоми идораи соҳаи иҷтимоӣ маҳз барои дастгирии чунин табақаҳои аҳолӣ равона шудааст.

Дар ҷумҳурӣ дар ин самт тадбирҳои муассир андешида шуда, сол ба сол маблағгузорӣ ба соҳаҳои иҷтимоӣ зиёд карда мешавад. Дар соли 2014 сатҳи камбизоатӣ аз 35,6 фоиз ба 32 фоиз поён шудааст. Дар соли 2015 бошад, ба ин мақсадҳо қариб 8 миллиард сомонӣ равона карда мешавад.

Яке аз қишрҳои осебпазири ҷомеа нафақагирон мебошанд. Тибқи иттилои Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати ҶТ ба ҳолати 1 октябри соли 2014 теъдоди нафақагирон 618 915 нафарро ташкил медиҳад, ки аз онҳо 96 726 нафар нафақагирони иҷтимоӣ мебошанд. Андозаи миёнаи нафақаи нафақагирони иҷтимоӣ ба 125,8 сомонӣ баробар аст.

Сатҳи таъминоти нафақавӣ ба зиёд намудан ниёз дорад. Барои аксари нафақахӯрон нафақа сарчашмаи ягонаи даромад ва зиндагӣ ба шумор меравад. Кумитаи СММ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ аз натиҷаи баррасии Маърӯзаи аввали Тоҷикистон оид ба иҷрои Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва

фарҳангӣ дар ин самт изҳори нигаронӣ карда, ба Тоҷикистон тавсия додааст, ки бо роҳи зиёд намудани маблағҳои ақалли суғуртаи давлатии иҷтимоӣ нафақаи иҷтимоӣ баланд бардошта шавад.

Қонуни ҶТ "Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ", ки дар баробари Қонуни ҶТ "Дар бораи таъмини нафақаи шаҳрвандони ҶТ" амал мекунад, дорои муқаррарот оид ба азнавҳисобкунии нафақа нест ва имконият намедиҳад, ки андозаи нафақаи таъингардида зиёд карда шавад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки айни ҳол андозаи нафақаи кормандоне, ки дар шароити меҳнати зарарнок ва вазнин фаъолият намудаанд, ниҳоят кам аст. Мувофиқи мақсад аст, ки оид ба баланд намудани андозаи нафақаи ин гуруҳи нафақагирон чораҳои дахлдор андешида шаванд.

Дар соли 2014 ба суроғаи мақомоти ВҲИ оид ба масъалаҳои таъминоти иҷтимоӣ 12 адад мурочиатҳо ворид шуданд, ки масъалаҳои вобаста ба мусоидат намудан барои муайян намудани ҳолатҳои пардохти нафақа, зиёд кардани андозаи нафақаи маъюбӣ, дастрас намудани ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи собиқа ва музди меҳнат барои бозҳисобии нафақа, норозигӣ аз хулосаи Комиссияи тиббӣ-ҳарбӣ ва ғайраро дар бар мегиранд.

Мурочиатҳои шаҳрвандони Федератсияи Россия К.С., В.А. ва дигарон оид ба дастрас намудани маълумотнома дар бораи тасдиқ намудани собиқаи кор ва музди меҳнат барои аз нав ҳисоб намудани нафақаашон, ки тавассути ВҲИ ФР ва вилояти Свердловски ФР ворид гардида буданд, бо мусоидати мақомоти Ваколатдор ҳалли мусбии худро ёфтанд.

**Вазъи риояи ҳуқуқи инсон дар муассисаҳои иҷтимоӣ**

Ҷиҳати таъмин намудани риояи ҳуқуқи калонсолон ва маъюбон як қатор санадҳои байналмилалӣ, аз ҷумла «Принсипҳои СММ нисбати калонсолон», «Барномаи умумиҷаҳонии амал нисбати маъюбон», «Қоидаҳои стандартии таъмини имконияти баробар барои маъюбон» қабул шудаанд.

Санади меъёрии ҳуқуқии асосӣ, ки ҳуқуқи бошандагони хона-интернатҳоро танзим намудааст, Қонуни ҶТ «Дар бораи хизматрасонии иҷтимоӣ» мебошад. Дар моддаи 5 ин Қонун омадааст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шаҳрвандон ҳуқуқи хизматрасонии иҷтимоиро кафолат медиҳад.

Айни ҳол дар сохтори Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии ҶТ 8 муассисаи будубоши доимӣ (хона-интернатҳо) барои калонсолону маъюбон ва беморони руҳӣ ва 4 маркази будубоши рӯзона

мавҷуд аст. Қобили қайд аст, ки солҳои охир ба ҳифзи иҷтимоии калонсолон ва маъюбон диққати ҷиддӣ дода мешавад ва сатҳи зиндагӣ дар муассисаҳои иҷтимоӣ рӯ ба беҳбудӣ овардааст.

Дар соли 2014 маблағи ҷудошуда барои бошандагони хона-интернатҳои калонсолону маъюбон 31645997 сомонӣ, барои як бошанда 17076 сомонӣ, аз ҷумла барои хӯроки ӯ 3440 сомониро ташкил дод. Дар ин давра барои гирифтани роҳхат ба муасисаҳои статсионарии иҷтимоӣ 155 шаҳрвандон муроҷиат намудаанд, ки аз онҳо 74 нафар дар муассисаҳои мазкур ҷой карда шудаанд. Ҳоло шумораи бошандагони муассисаҳои мазкур 1460 нафарро ташкил медиҳад.

Бо мақсади санҷиши вазъи хизматрасониҳо кормандони Дастгоҳи ВҲИ дар ин сол аз фаъолияти як қатор муассисаҳои иҷтимоӣ боздидҳо анҷом доданд. Аз ҷумла, фаъолияти Литсей-интернати касбии махсуси маъюбони шаҳри Душанбе, Муассисаи давлатии "Хона-интернати беморони касалиҳои руҳии ноҳияи Восеъ" ва Хона-интернати калонсолону маъюбони шаҳри Панҷакент мавриди санҷиш қарор дода шуданд. Ҳангоми боздиди муассисаҳои мазкур биноҳо, низоми кор ва ҳуҷҷатгузорӣ аз назар гузаронида шуда, бо бошандагон суҳбатҳо гузаронида шуданд.

Боздиду санҷишҳо инчунин нишон доданд, ки шароити санитарӣ-гигиенӣ дар аксарияти хона-интернатҳо қаноатбахш буда, муассисаҳо бо бунгоҳи тиббӣ, ошхона, ҷойи оббозӣ ва шустушӯи либосҳо таъмин мебошанд.

Қобили қайд аст, ки аксарияти бошандагони ин муассисаҳо дар натиҷаи гузаронидани корҳои тавонбахшӣ, табобат, бо хӯроки солим таъмин шудан ва ғамхорӣ нисбати онҳо худро бардаму боқувват ҳис мекунанд. Дар хона-интернатҳо шароит барои вохӯрӣ бо наздикону хешовандон ташкил карда шудааст. Хона-интернатҳо бо шароити дахлдори зист таъмин буда, бошандагон вобаста ба ҷинс, синну сол, вазъи ҷисмонӣ ҷой карда шудаанд. Ба шахсони оиладор ҳӯҷраи алоҳида ҷудо гардида, бошандагон таҳти назорати доимии кормандони тиб қарор доранд.

Новобаста аз пешравиҳо дар кори ин муассисаҳо баъзе масъалаҳои ҳалталаб ба чашм мерасанд. Муассисаҳо ба низоми таъмини мунтазами гармидиҳию барқ дар фасли зимистон ниёз доранд. Маъюбоне, ки аз аробачаҳои маъюбӣ истифода мебаранд, бинобар таъмин набудани муҳити бемонеа душворӣ мекашанд.

Кам будани таҷҳизоти тавонбахшӣ ва мутахассисони касбӣ, инчунин ба такмили ихтисос фаро гирифта нашудани мутахассисони мавҷудаи интернатҳо ба назар мерасанд.

Боздиду санҷишҳо аз ин муассисаҳо нишон медиҳанд, ки сатҳи маърифати ҳуқуқии бошандагон барои мустақилона ҳифз намудани ҳуқуқу манфиатҳояшон нокифоя мебошад.

**Дар самти таъминоти иҷтимоӣ чунин тавсияҳо пешниҳод мешаванд:**

***- мунтазам зиёд намудани андозаи нафақа ва пардохтпулиҳои иҷтимоӣ вобаста ба баландшавии нарх ба маводи озуқа, молҳои талаботи ҳаррӯза, дорувориҳо ва хизматрасониҳои коммуналӣ;***

***- таъмин намудани муҳити бемонеа ба маъюбони хона-интернатҳо;***

***- ба роҳ мондани такмили ихтисоси мунтазами кормандони муассисаҳои иҷтимоӣ;***

***- андешидани чораҳои дахлдор ҷиҳати беҳдошти сифати хизматрасониҳои тиббӣ ба бошандагони муассисаҳои иҷтимоӣ;***

***- дастгирӣ ва ҳавасманд намудани оилаҳое, ки калонсолон ва маъюбонро нигоҳубин мекунанд.***

**2.6. Ҳифзи ҳуқуқи маъюбон**

Дар ҷумҳурӣ бо мақсади таъмини иҷтимоӣ ва ҳифзи табақаҳои осебпазири ҷомеа, бахусус маъюбон пайваста тадбирҳои судманд андешида мешаванд.

Айни ҳол дар ҷумҳурӣ 167389 нафар маъюбон зиндагӣ мекунанд, ки аз онҳо 26118 нафар кӯдакон, 13 ҳазору 834 нафар маъюби гуруҳи 1, 87 ҳазору 142 нафар маъюби гуруҳи 2 ва 40 ҳазору 295 нафар маъюби гуруҳи 3 мебошанд. Тибқи маълумоти Хадамоти давлатии ташхиси тиббию иҷтимоӣ дар соли 2014 7320 шаҳрвандон ҳангоми азназаргузаронии ибтидоӣ маъюб эътироф шудаанд. Шахсони маъюбии бемуҳлатдошта 6148 нафарро ташкил медиҳанд. Дар соли 2014 34553 нафар маъюбон такроран муоина карда шуданд, ки аз онҳо танҳо 21262 нафарашон маъюб эътироф карда шуданд.

Новобаста аз чораҳои андешидашаванда дар самти мазкур мушкилиҳо ҷой доранд. Андозаи нафақаҳои маъюбӣ кам буда, эҳтиёҷоташонро ба хӯрока, либос ва табобат қонеъ намегардонад.

Ҳалли мушкилоти ҳамгироии иҷтимоӣ-маишии маъюбон ба шароити зист дар ҷомеа басо муҳим аст. Онҳо мунтазам ба табъиз, тамғазанӣ ва беэътиноӣ дучор мешаванд.

Таҳлилу мониторингҳо ва санҷишҳои гузаронидаи кормандони Дастгоҳи ВҲИ дар ин самт нишон медиҳанд, ки имконияти маъюбон барои иштирок дар ҳаёти ҷомеа ҳоло ба пуррагӣ ҳалли худро наёфтааст. То ҳол биноҳои маъмурии аксари мақомотҳои давлатӣ, муассисаҳои тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоӣ, маориф, фарҳанг, объектҳои нақлиётӣ ва хонаҳои истиқоматӣ барои истифодаи маъюбон мутобиқ карда

нашудаанд. Ҳангоми сохтмони биноҳои нав имкониятҳои маъюбон ба назар гирифта намешаванд. Пандусҳои мавҷудаи иншоотҳо низ лағжонак буда, баромадан ва фаромадани маъюбонро душвор мекунанд. Нақлиёти мусофиркашони ҷамъиятӣ бо таҷҳизотҳои махсус барои воридшавӣ ва беруншавии маъюбон таъмин карда нашудаанд. Ҳол он ки ҷиҳозонидани пандусҳо, дастқаппакҳо, лифтҳо ва дигар таҷҳизотҳо дар иншоотҳои иҷтимоии инфрасохторӣ кори мураккаб ва серхароҷот намебошанд.

Мавриди истифода қарор дода шудани меъёр ва қоидаҳои шаҳрсозӣ "Дастрасии бино ва иншоотҳо барои гуруҳи камҳаракати аҳолӣ" дар моҳи октябри соли 2014 минбаъд барои роҳ надодани қабули лоиҳаҳо бе назардошти дастрасии бино ва иншоотҳо ба гуруҳи камҳаракати аҳолӣ замина фароҳам меорад.

Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон» муқаррар намудааст, ки маъюбон ҳуқуқ доранд аз нақлиёти ҷамъиятӣ (ба истисноӣ таксӣ) ба тариқи ройгон истифода баранд. Ин муқарраротӣ қонун аз ҷониби мусофиркашҳои хусусӣ иҷро намешавад. Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатиро зарур аст, ки диққати худро ба ҳалли ин мушкилоти иҷтимоӣ равона кунанд.

Чорабиниҳои фарҳангӣ ва барномаҳои телевизиону радио ба маъюбони дорои нуқсони биноию шунавоӣ дастрас нестанд. Мувофиқи мақсад аст, ки ақалан барномаҳои иттилоотӣ дар телевизион бо субтитрҳо ва сурдотарҷумонҳо таъмин карда шаванд.

Маҳаки сиёсати иҷтимоии ҳар як давлати муосир нисбати маъюбон бояд самти тавонбахшии онҳо бошад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маъюбон ба тавонбахшӣ тавассути барномаи инфиродӣ, ки дар асоси хулосаи мақомоти ваколатдори ташхиси тиббию иҷтимоӣ муайян карда мешавад, фаро гирифта мешаванд. Соли 2014 дар ҷумҳурӣ барои хариди воситаҳои техникии тавонбахшӣ 738 800 сомонӣ ҷудо карда шудааст.

Маблағҳои ҷудошуда имконият намедиҳанд, ки мақомотҳои ҳифзи иҷтимоӣ воситаҳои техникии тавонбахшии маъюбонро ба пуррагӣ таъмин намоянд. Воситаҳои техникии тавонбахшии пешниҳодшаванда, аз ҷумла аробачаҳои маъюбӣ на ҳама вақт ба меъёрҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ мебошанд.

Лозим ба ёдоварист, ки дар нахустин конфронси миллии "Солимгардонӣ дар сатҳи ҷамоатҳо", ки дар Китобхонаи миллии Тоҷикистон бахшида ба Рӯзи байналмилалии маъюбон (3 декабри соли 2014) доир гардид, масъалаҳои фарогирии шахсони маъюб бо хизматрасониҳои гуногун, баланд бардоштани сифати зиндагии онҳо бо

назардошти офиятбахшӣ дар сатҳи ҷамоатҳо мавриди баррасӣ қарор дода шуданд.

Яке аз имтиёзҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ нисбати маъюбон ин ба табобати ройгон ва ё имтиёзноки санаторию курортӣ, бенавбат гирифтани роҳхат ва рафтуомади ройгон ба маҳалли табобат мебошад. Барои соли 2014 дар буҷети давлатӣ барои рафтуомади ройгон ба ҷои табобат 333000 сомонӣ пешбинӣ шуда буд, ки барои таъмин намудани ҳамаи маъюбони ниёзманд ба ин намуди хизматрасонӣ нокифоя мебошад.

Тибқи иттилои Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии ҶТ тавассути квотаҳо 2635 шаҳрвандони ба ҳимояи махсуси иҷтимоӣ ниёздошта ба ҷои кор таъмин карда шудаанд. Аз ҷумла дар соли 2014 тибқи квота 164 нафар маъюбон (с. 2013 – 172 нафар) ба кор таъмин карда шуданд. Лекин низоми ба кор таъмин намудани маъюбон чандон самарабахш набуда, ниёз ба такмил дорад.

Корфармоён бинобар аз ҷиҳати иқтисодӣ фоиданок набудани маъюбон ва пардохти маблағгузории иловагӣ барои фароҳам овардани ҷойҳои махсуси корӣ ба меҳнати онҳо манфиатдор нестанд. Талаботи қарори Ҳукумати ҶТ аз 02.04.09, № 181 “Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои муқаррар намудани квота барои бо кор таъмин намудани гуруҳҳои алоҳидаи аҳолӣ” дар аксар ҳолатҳо риоя карда намешавад. Мувофиқи мақсад аст, ки механизми мушаххаси ҳавасмандгардонии корфармоён барои ба кор қабул кардани гуруҳҳои осебпазири аҳолӣ, бахусус маъюбон таҳия ва мавриди амал қарор дода шуда, чораҳои дахлдор оид ба баланд бардоштани дараҷаи рақобатпазирии касбии маъюбон дар бозори меҳнат андешида шаванд. Фароҳам овардани шароит барои гирифтани таҳсилоти умумӣ ва касбии маъюбон низ зарур аст.

Яке аз воситаҳои паҳншудаи ба кор таъмин намудани маъюбон қабули онҳо ба ташкилотҳои махсусгардонидашудаи иттиҳодияҳои ҷамъиятии маъюбон мебошад, лекин бо сабабҳои маблағгузорӣ нашудан, ба фурӯш нарафтани маҳсулоти истеҳсолнамудаи онҳо чунин ташкилотҳо ба рақобат тоб наоваранд ва аз фаъолият боз монданд. Мувофиқи мақсад аст, ки фаъолияти ин ташкилотҳо дастгирӣ карда шуда, фармоиши давлатии фурӯши маҳсулоти онҳо таҳия ва амалӣ карда шавад.

Масъалаи дигари муҳим пешгирии маъюбӣ мебошад. Пешгирии маъюбӣ аз омилҳои гуногун, аз ҷумла саломатии репродуктивӣ, мубориза бар зидди нашъамандӣ, майпарастӣ, истеъмоли тамоку, беҳтар кардани муҳити зист, шароити меҳнат, кам кардани ҳодисаҳои садамаи нақлиёт, беҳтар кардани ёрии фаврии тиббӣ, ташвиқу тарғиби ҳаёти

солим ва ғайра вобастагӣ дорад. Аз ин лиҳоз, зарурати таҳия ва амалӣ намудани барномаҳои пешгирии маъюбӣ ба миён омадааст.

Нисбати маъюбон дар сатҳи қонунгузорӣ низ камбудиҳо ҷой доранд ва аз ҷумла то ҳол механизми меъёрҳои ҳуқуқӣ дар самти пешгирии маъюбӣ вуҷуд надорад. Дар Кодекси меҳнат масъалаҳои вобаста ба кафолатҳои маъюбон, мавриди санҷиш қарор нагирифтани онҳо ҳангоми ба кор қабул намудан, имтиёзҳо ҳангоми ихтисори шумораи (штати) кормандон танзими худро наёфтаанд.

Вобаста ба маърузаи Шарҳи универсалии даврии ҶТ аз ҷониби давлатҳои аъзои Шӯрои СММ ба Тоҷикистон тавсия шудааст, ки Конвенсияи ҳуқуқи маъюбонро ба тавсиб расонад.

ВҲИ ҳамроҳшавии Тоҷикистонро ба Конвенсияи СММ оид ба ҳуқуқи маъюбон мувофиқи мақсад мешуморад, зеро ба тавсиб расонидани Конвенсияи мазкур ва Протоколи он имконият медиҳад, ки тамғазанӣ ва табъиз нисбати маъюбон аз байн бурда шуда, дастрасии онҳо ба хизматрасониҳо, молҳо ва объектҳо таъмин карда шавад. Бо ин васила шахсони имконияташон маҳдуд ҳамчун аъзои комилҳуқуқи ҷомеа дар сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ шинохта мешаванд.

ВҲИ дар самти ҳифзи ҳуқуқи шахсони имконияташон маҳдуд пайваста фаъолият менамояд. Дар соли 2014 кормандони Дастгоҳи ВҲИ 15 адад мурoҷиатҳои шахсони имконияташон маҳдудро баррасӣ намуда, ҷиҳати ҳалли масъалаҳои гузошташуда мусоидат намуданд. Оид ба вазъи дастрасии маъюбон ба объектҳои инфрасохторӣ дар ноҳияҳои Сино ва И. Сомонии шаҳри Душанбе санҷиш гузаронида шуда, аз натиҷаи онҳо ба мақомотҳои дахлдор таклифу пешниҳодҳои ВҲИ ирсол карда шуд. Ҳамзамон дар ин давра кормандони Дастгоҳи ВҲИ дар кори семинару конференсияҳои ба ҳифзи ҳуқуқи маъюбон бахшидашуда иштирок ва баромад намуданд.

**Дар самти ҳифз ва пешбурди ҳуқуқи маъюбон тавсияҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:**

***- бо назардошти имкониятҳои иқтисодӣ мунтазам зиёд намудани нафақаҳои маъюбӣ;***

***- баланд бардоштани сатҳи иттилоотии аҳолӣ ҷиҳати бартараф намудани тамғазанӣ ва табъиз нисбати маъюбон;***

***- таҳия ва амалӣ намудани Барномаи миллӣ оид ба муҳити бемонеа ба шахсони имконияташон маҳдуд;***

***- бо субтитрҳо ва сурдотарҷумонҳо таъмин намудани барномаҳои иттилоотӣ дар телевизион;***

***- таъмини маъюбон бо воситаҳои техникии ҳозиразамони тавонбахшӣ, роҳхатҳои табобатии санаторию курортӣ ва дигар тадбирҳои солимгардонӣ;***

***- ба таҳсилоти касбӣ фаро гирифтани маъюбон, таҳия ва мавриди амал қарор додани механизми мушаххаси ҳавасмандгардонии корфармоён барои гуруҳҳои осебпазир, бахусус маъюбон ва андешидани чораҳо оид ба ҳалли рақобатпазирии касбии маъюбон дар бозори меҳнат;***

***- ба роҳ мондани фаъолияти ташкилотҳои махсусгардонидашудаи маъюбон, таҳия ва амалӣ намудани механизми фармоиши давлатии фурӯши маҳсулоти истеҳсолшудаи ташкилотҳои махсусгардонидашудаи маъюбон;***

***- дар барномаҳои давлатӣ пешбинӣ намудани чорабиниҳо оид ба пешгирии маъюбӣ;***

***- ба тавсиб расонидани Конвенсияи СММ оид ба ҳуқуқи маъюбон.***

**2.7. Ҳуқуқ ба ҳифзи саломатӣ**

Дар ҷумҳурӣ дар самти ҳифзи саломатӣ корҳои муайян анҷом дода шуда, барномаҳои дахлдор, аз ҷумла Стратегияи миллии солимии аҳолии ҶТ барои солҳои 2010-2020, Барномаи рушди тибби оилавӣ дар ҶТ барои солҳои 2011-2015, Стратегияи миллии ҶТ дар бораи рушди саломатии кӯдакон ва наврасон дар давраи то соли 2015, Барномаи миллии ҳимояи аҳолӣ аз беморecho сил барои солҳои 2010-2015 амалӣ карда мешаванд.

Дар соли 2014 ба соҳаи тандурустӣ аз буҷети ҷумҳурӣ 1 099 200 000 сомонӣ ҷудо шудааст. Айни замон дар ҷумҳурӣ ёрии тиббӣ ба аҳолӣ аз ҷониби 3763 муассисаҳои тиббӣ ва 1707 бунгоҳҳои тиббӣ расонида мешавад. Дар муассисаҳои тиббии ҷумҳурӣ 16589 табиб ва 40063 кормандони миёнаи тиб кор мекунанд, ки ин нишондиҳанда нисбат ба панҷ соли пеш мутаносибан 16,1% ва 24% зиёд мебошад.

Дар баробари ин проблемаҳои асосӣ дар соҳаи тандурустӣ ба монанди куҳнашавии биноҳо, нарасидани кадрҳо, ҳавасманд набудани хатмкунандагони муассисаҳои тиббии олӣ барои кор дар деҳот, сатҳи ками музди меҳнати кормандони соҳа, маблағгузории нокифоя дар ин самт, дастнорас будани баъзе намудҳои ёрии тиббӣ ба табақаҳои камбизоати аҳолӣ, маърифати пасти беҳдоштии шаҳрвандон, саривақт муроҷиат накардани беморон ба муассисаҳои тиббӣ ва ғайра ба назар мерасанд, ки сабаби паст шудани сифати хизматрасониҳо мегарданд.

Кумитаи СММ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ низ аз натиҷаи баррасии Маърӯзаи аввали Тоҷикистон оид ба иҷрои

Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияҳои дахлдор додааст.

Сифати ёрии тиббӣ низ беҳбудиро тақозо мекунад. Тибқи иттилои дастрасшуда дар соли 2014 50 ҳолатҳои иштибоҳи табибон ошкор шудааст.

Ҳолатҳои муносибати хунукназаронаи баъзе кормандони соҳа нисбати уҳдадориҳои касбӣ ҷой доранд. Тибқи иттилои Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии ҶТ дар соли 2014 322 нафар кормандони соҳа ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида шудаанд.

Масъалаи муҳими дигар ин таъмини шаҳрвандон бо маводи доруворӣ ватанӣ мебошад. Ҳар сол ба ҷумҳурӣ аз хориҷи кишвар маводҳои доруворӣ ва молҳои тиббии зиёде ворид карда мешаванд, ки бинобар арзиши гарон доштанашон дастраси умум нестанд. Масалан, дар соли 2014 ба ҷумҳурӣ маводҳои доруворӣ ва молҳои тиббӣ ба маблағи 94 149 398 доллари ИМА ворид шудааст. Истеҳсоли маводҳои доруворӣ дар ҷумҳурӣ бошад, ба таври дахлдор ба роҳ монда нашудааст. Бинобар ин зарур аст, ки истеҳсоли маводҳои доруворӣ ватанӣ зиёд карда шавад.

Ташкили дурусти ёрии аввалини тиббӣ-санитарӣ, ёрии таъҷилии тиббӣ ва истифодаи усулҳои пешқадами эҳёкунӣ дар ҳифзи саломатии аҳолӣ аҳамияти хеле калон дорад. Мутаассифона дар маҳалҳои дурдасти аҳолинишин ташкили чунин навъи хизматрасониҳо дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда нашудааст. Маърӯзачии махсуси СММ оид ба ҳуқуқи ҳар кас ба саломатӣ Ананд Гровер аз натиҷаи боздид аз Тоҷикистон (24-31.05.12) тавсия дод, ки маблағгузориҳо дар самти ёрии аввалини тиббӣ-санитарӣ зиёд карда шаванд.

Новобаста аз он ки дар самти пешгирӣ ва мубориза бо бемории вируси норасоии масунияти одам (ВНМО) корҳои муайян ба сомон расонида шудаанд, вазъ дар ин самт беҳбудиро тақозо менамояд. Тибқи иттилои Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии ҶТ аз аввали бақайдгирии ВНМО дар ҷумҳурӣ, яъне аз соли 1991 то ин ҷониб 6309 ҳодисаи сирояти ВНМО ба қайд гирифта шудааст, ки аз онҳо 1889 нафар занон мебошанд.

Кумитаи СММ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ аз натиҷаи баррасии Маърӯзаи аввали Тоҷикистон оид ба иҷрои Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ба Тоҷикистон ҷиҳати тақвият додани чорабиниҳои иттилоотӣ оид ба ВНМО-БНММ ва ворид намудани он ба барномаҳои мактабӣ тавсияҳо пешниҳод кардааст.

Мушкилоти дигар дар ин самт нашъамандӣ мебошад. Шумораи умумии нашъамандон дар соли 2014 ба 7279 нафар расидааст,ки аз онҳо мардон 7080 нафар ва занон 199 нафарро ташкил медиҳанд. Аз истеъмоли моддаҳои нашъаовар дар соли 2014 59 нафар (56 мард ва 3 зан) фавтидаанд.

"Стратегияи миллӣ оид ба мубориза бар зидди маводи мухаддир барои солҳои 2013 – 2020" пешбинӣ менамояд, ки дар ҷомеа муносибати манфӣ нисбат ба истеъмолкунандагони ғайритиббии маводи мухаддир тақвият дода шуда, тарзи ҳаёти солим тавсеа дода шавад. Ҳамзамон барномаҳои маърифатӣ оид ба пешгирии истеъмоли маводи мухаддир таҳия ва татбиқ карда шаванд.

Ба Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар самти ҳуқуқ ба саломатӣ дар соли 2014 4 муроҷиат ворид гардида, ҷиҳати ҳалли онҳо мусоидат карда шудааст.

**Дар самти ҳифзи ҳуқуқи инсон ба саломатӣ тавсияҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:**

***- беҳтар намудани заминаҳои моддӣ-техникии низоми тандурустии кишвар, бахусус дар деҳот ва дастгирии мунтазами он;***

***- таҳия намудани механизми батанзимдарорӣ ва назорати нархҳо ба маҳсулоти доруворӣ;***

***- андешидани чораҳо оид ба беҳтар намудани сифат ва дастрасии ёрии тиббӣ ба аҳолӣ;***

***- тақвият додани назорати риояи стандартҳои табобат ҳангоми расонидани ёрии тиббӣ;***

***- дар сатҳи зарурӣ ба роҳ мондани ташкили кори тиббӣ-санитарӣ ва ёрии таъҷилии тиббӣ, бахусус дар маҳалҳои дурдасти аҳолинишин ва зиёд намудани маблағгузориҳо дар ин самтҳо;***

***- баланд бардоштани сатҳи иттилоотии аҳолӣ дар соҳаи тандурустӣ;***

***- баланд бардоштани сифати табобат ва офиятбахшии тиббию иҷтимоии истеъмолкунандагони маводи мухаддир, ташаккули муносибати манфии ҷомеа ба истеъмоли маводи мухаддир, бештар намудани таблиғи тарзи ҳаёти солим, таҳия ва татбиқи барномаҳои маърифатӣ оид ба пешгирии истеъмоли маводи мухаддир;***

***- андешидани чораҳои дахлдор оид ба пешгирӣ, табобат ва мубориза бар зидди вируси норасоии масунияти одам;***

***- баланд бардоштани донишҳои касбии табибон.***

## 2.8. Ҳуқуқ ба манзил

Ҳуқуқ ба манзил ҳуқуқи табиӣ ва ҷудонопазири инсон ба шумор меравад. Моддаи 25 Эъломияи умумиҷаҳонии ҳуқуқи башар мавҷудияти манзилро барои сиҳатию некӯаҳволии инсон ва оилаи ӯ зарур меҳисобад.

Дар Тоҷикистон тибқи Конститутсия ҳуқуқ ба манзил ҳамчун ҷузъи ҳуқуқ ба сатҳи кофии зиндагӣ кафолат дода шудааст. Ин ҳуқуқ бо роҳи сохтмони манзили давлатӣ, ҷамъиятӣ, кооперативӣ ва хусусӣ таъмин карда мешавад. Тибқи маълумоти Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати ҶТ соли 2014 дар ҷумҳурӣ дар масоҳати 1 миллиону 11 ҳазору 605 метри мураббаъ хонаҳои истиқоматӣ ба истифода дода шудаанд.

Новобаста аз он ки дар ҷумҳурӣ солҳои охир ба сохтмони манзили истиқоматӣ таваҷҷуҳи махсус дода мешавад, дар ин самт мушкилоти зерин вуҷуд доранд:

1. Вазорату идораҳо, корхона ва ташкилоту муассисаҳо бинобар надоштани маблағҳои кофӣ барои сохтмони хонаҳои истиқоматӣ имконият надоранд, ки ба амалишавии ҳуқуқи кормандони худ ба манзил мусоидат намоянд.

2. Корхонаю ташкилот ва муассисаҳое, ки солҳои пеш дорои фонди манзил буданд, бо сабаби тағйир додани шакли ташкилӣ-ҳуқуқии худ сохтмони манзилро қатъ намуданд ва собиқ кормандони чунин ташкилотҳо, ки дар навбати гирифтани манзил қарор доштанд, аз гирифтани манзил маҳрум шуданд. Дар сурати тағйир ёфтани шакли ташкилӣ-ҳуқуқии корхонаҳо собиқ кормандон ҳуқуқи худро оид ба беҳтар кардани шароити манзил аз ҳисоби давлат набояд гум кунанд ва аз лаҳзаи ворид шуданашон ба рӯйхати эҳтиёҷмандон бояд ба руйхати эҳтиёҷмандони беҳтар кардани шароити манзил аз ҳисоби мақомотҳои иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ворид карда шаванд.

3. Дар мавридҳое, ки шаҳрвандон дар сохтмони манзил бо роҳи ҳиссагузорӣ иштирок мекунанд, вайронкунии ҳуқуқи онҳо ба мисли саривақт ба истифода дода нашудани манзил, ба расмият даровардa нашудани ҳуҷҷатҳои ҳуқуқмуайянкунандаи манзил, ба пуррагӣ сохта нашудани манзил ва ғайра ҷой доранд. Зарур аст, ки аз ҷониби мақомотҳои иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ сохтмони манзили хусусӣ тақвият дода шуда, дастрасии шаҳрвандон ба манзил ва назорати иҷрои саривақтии уҳдадориҳои ташкилотҳои сохтмонӣ таъмин карда шавад.

4. Номутаносубии байни даромади қисми муайяни аҳолии кишвар ва арзиши манзил имконият намедиҳад, ки ин қишри ҷомеа соҳиби манзил бошанд. Айни ҳол бозори сохтмони манзил асосан ба сохтмони манзили арзишашон баланд равона карда шудааст. Манзилҳои

истиқоматии сохташаванда дастраси умум нестанд. Сохтмони фонди манзили давлатӣ ва идоравӣ фаъол набуда, то ҳанӯз барномаҳои ичтимоии манзили дастрас ба гуруҳҳои эҳтиёҷманд ва осебпазири аҳолӣ таҳия ва қабул карда нашудаанд. Мувофиқи мақсад аст, ки иқдоми пешгирифтаи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе оид ба сохтмони манзили дастрас барои табақаҳои камбизоати ҷомеа дастгирӣ ва дар дигар манотиқи ҷумҳурӣ паҳн карда шавад. Ҳамин масъала дар тавсияҳои Кумитаи СММ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ аз натиҷаи баррасии Маърӯзаи аввали Тоҷикистон оид ба иҷрои Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ низ қайд шудааст.

5. Тибқи Кодекси манзил шаҳрвандоне, ки манзилашон дар натиҷаи офати табиӣ номусоид гаштааст, хонаи истиқоматӣ бенавбат дода мешавад. Аммо қонунгузор механизмҳои амалӣ шудани ин ҳуқуқро муқаррар накардааст. Мавҷуд набудани фонди захиравии манзил барои амалӣ шудани ин талаботи қонунгузорӣ монеагӣ эҷод мекунад.

6. Мушкилии дигар дар ин самт ҳолатҳои зарар дидани манзили шаҳрвандон аз сӯхтор мебошад. Дар чунин ҳолатҳо қонунгузор расонидани ёрии фавриро ба шаҳрвандон пешбинӣ накардааст. Мақомотҳои маҳаллӣ имконияти расонидани кӯмакҳои моддиро надоранд. Ягона роҳи рӯёнидани молу мулки аздастрафта дар ин мавридҳо суғурта мебошад. Аммо аксарияти аҳолии кишвар ба ин институт кам аҳамият медиҳанд.

7. Танзими ҳуқуқии шаҳрсозӣ айни ҳол муҳимияти хосеро касб намудааст. Ҳангоми банақшагирӣ, иморатсозию ободонии маҳалҳои аҳолинишин, сохтмони манзил фикри шаҳрвандоне, ки дар минтақаҳои сохтмонӣ зиндагӣ мекунанд, пурра ба назар гирифта намешавад. Мақомоти давлатӣ бояд ба шаҳрвандон ҷиҳати шиносоӣ бо иттилооте, ки ба масъалаҳои ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии онҳо дар фаъолияти меъморӣ, шаҳрсозӣ ва сохтмонӣ вобастаанд, имкон фароҳам оваранд. Аммо ин меъёрҳои қонунгузорӣ дар амал пурра иҷро намешаванд ва аз ин сабаб шаҳрвандон баъди оғоз ёфтани сохтмони объектҳо ба мақомотҳои гуногун шикоят мекунанд.

8. Мушкилоти асосии дигар ин сохтмони манзил дар минтақаҳои аҳолинишин мебошад. Бо сабаби он, ки бунёди шабакаҳои коммуникатсионӣ ва муҳандисии биноҳои истиқоматӣ берун аз маҳалҳои аҳолинишин хароҷотҳои иловагиро талаб мекунанд, одатан маҳалҳои аҳолинишин интихоб карда мешаванд. Чунин ҳолат минбаъд боиси душвориҳо дар таъмини барқу об, зиёд шудани аҳолии маҳалҳои алоҳида ва партовҳои маишӣ, нест шудани дарахтону буттаҳо, аз байн

рафтани майдончаҳои кӯдакон ва варзишию истироҳатӣ, зиёд шудани сарбориҳо ба инфрасохторҳо, тез-тез рух додани садамаҳо ва ғайра мегардад.

9. Бо таъмири асосӣ фаро гирифта нашудан ва фарсудашавии фонди манзил, коммуникатсия ва инфрасохторҳои коммуналӣ яке аз масъалаҳои дигари ҳалталаб мебошад. Муҳлати истифодаи ҷузъҳои (элементҳои) конструктивӣ ва шабакаҳои муҳандисии қисмати зиёди биноҳо ба охир расидаанд. Тибқи моддаи 18 Қонуни ҶТ «Дар бораи хусусигардонии фонди манзил дар ҶТ» манзили хусусигардонидашуда аз ҳисоби соҳибони онҳо нигоҳубин ва таъмир карда мешавад. Новобаста аз ин соҳибмулкон аз хусуси ин уҳдадориҳо чандон воқиф нестанд.

10. Зиёд шудани ҳолатҳои аз деҳот ба шаҳр кӯчидани аҳолӣ боиси зиёд шудани масъалаҳои ҳалношудаи манзил шудаанд. Аксари онҳо дар хобгоҳҳои умумӣ, биноҳои ғайриистиқоматӣ бе асосҳои қонунӣ зиндагӣ мекунанд. Хобгоҳҳои умумӣ ва биноҳои ғайриистиқоматӣ дар вазъи ғайриқаноатбахши техникӣ қарор дошта, дар онҳо қоидаҳои санитарию гигиенӣ ва маишӣ, бехатарии сӯхтор риоя карда намешаванд. Қисми зиёди шаҳрвандоне, ки дар хобгоҳҳои умумӣ зиндагӣ мекунанд, дар он ба қайд гирифта нашудаанд.

11. То ҳол иншоотҳои гуногун ва девор (панҷара)-ҳои аз ҷониби шахсони алоҳида ғайриқонунӣ сохташуда дар саҳни биноҳои истиқоматии бисёрошёнаи шаҳрҳо аз байн нарафтаанд, ки ҳуқуқи истиқоматкунандагони ин биноҳоро маҳдуд мекунанд. Мувофиқи мақсад аст, ки мақомотҳои иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ оид ба бартараф намудани ин камбудиҳо чораандешӣ намоянд.

12. Вайронкунии ҳуқуқи шаҳрвандон вобаста ба манзил дар бисёр мавридҳо аз номукаммалии қонунгузорӣ бармеояд. Кодекси амалкунандаи манзил на ҳамаи муносибатҳои солҳои охир пайдошударо танзим менамояд. Номутобиқатии меъёрҳои он ба меъёрҳои қонунҳои баъди он қабулшуда ба назар мерасад. Ҳар чӣ зудтар қабул намудани Кодекси нави манзил зарур аст.

Дар соли 2014 ба мақомоти ВҲИ 322 адад муроҷиатҳо оид ба масъалаҳои манзил ворид шудаанд. Аксари муроҷиаткунандагон нисбати қарорҳои судӣ, амалҳои мақомотҳои иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ шикоят намудаанд. Таҳлили муроҷиатҳои шаҳрвандон вобаста ба ҷудо кардани қитъаи замин барои сохтмони хонаҳои истиқоматӣ ва дигар масъалаҳои вобаста ба замин нишон медиҳад, ки аҳолӣ оид ба расмиёти ҳуҷҷатгузорӣ кардани ҳуқуқи моликият ба замин иттилооти кофӣ надоранд ва корҳои фаҳмонидадиҳӣ

дар ин самт аз ҷониби мақомоти дахлдори давлатӣ ба таври дахлдор бурда намешаванд.

Ба ВҲИ инчунин муроҷиатҳое ворид мешаванд, ки ҳуқуқи шаҳрвандон бо сабаби кӯчонидан аз хонаҳое, ки хавфи фурӯравӣ таҳдид мекунад, халалдор шудаанд. Масалан, шаҳрванд Р.С. бо чунин мушкилот ба ВҲИ муроҷиат намуд. Ӯ бо ҳамроҳии дигар шаҳрвандон бинобар хавфи фурӯравӣ доштани бинои истиқоматиашон аз он кӯчонида шудаанд. Аммо ба хонаи дигари истиқоматии обод таъмин карда нашудаанд ва дар натиҷа талаботи моддаи 65 Кодекси манзил риоя нашудааст. Чунин муроҷиатҳо барои ҳалли масъалаҳои гузошташуда тибқи тааллуқдориашон ба мақомотҳои давлатии дахлдор фиристода мешаванд.

**Дар самти ҳуқуқ ба манзил тавсияҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:**

- ***сохтмони манзили хусусӣ тақвият дода шуда, дастрасии шаҳрвандон ба манзил ва назорати иҷрои саривақтии уҳдадориҳои ташкилотҳои сохтмонӣ таъмин карда шавад;***
- ***тақвият додани сохтмони фонди манзили давлатӣ ва идоравӣ ва пешбинӣ намудани маблағҳои кофӣ барои таъмири асосии ин фонд;***
- ***ҳатман ворид намудани рӯйхати эҳтиёҷмандони беҳтар кардани шароити манзили собиқ кормандон ба руйхати эҳтиёҷмандони беҳтар кардани шароити манзил дар мақомотҳои иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар сурати тағйир ёфтани шакли ташкилӣ-ҳуқуқии корхонаҳо;***
- ***ҳалли масъалаҳои таъмини табақаҳои камбизоат ва осебпазири аҳолӣ ба манзили дастраси иҷтимоӣ;***
- ***тезонидани қабули Кодекси нави манзил.***

### 2.9. Ҳифзи ҳуқуқи муҳоҷирони меҳнатӣ

Муҳоҷирати меҳнатӣ дар маркази таваҷҷуҳи Ҳукумати ҶТ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ қарор дорад.Ҷиҳати батанзимдарории раванди муҳоҷират ва ҳифзи ҳуқуқи муҳоҷирони меҳнатӣ дар ҷумҳурӣ санадҳои дахлдор қабул гардида, бо кишварҳои дахлдори қабулкунанда созишномаҳои байнидавлатӣ баста шудаанд.

Тибқи маълумоти Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ дар соли 2014 ба сифати муҳоҷирони меҳнатӣ 670806 нафар шаҳрвандони ҷумҳурӣ ба кишварҳои хориҷӣ рафтаанд, ки аз онҳо 564390 нафарро мардон ва 106416 нафарро занон ташкил медиҳанд.

Асосан муҳоҷирони меҳнатӣ аз ҶТ ба Федератсияи Россия мераванд, зеро барои воридшавӣ виза (раводид) талаб карда намешавад. Ҳоло дар ФР зиёда аз 90 % муҳоҷирони меҳнатӣ аз Тоҷикистон кор мекунанд.

Муҳоҷирони меҳнатӣ тибқи муқаррароти стандартҳои байналмилалӣ ва қонунгузории давлатҳои қабулкунанда дар қатори шаҳрвандони онҳо аз ҳуқуқҳои дахлдор дар соҳаи меҳнат, тандурустӣ ва ғайра бояд истифода баранд. Аммо дар амал ин талаботҳо риоя карда намешаванд ва муҳоҷирони меҳнатӣ ба мушкилиҳои ҷиддӣ рӯ ба рӯ мешаванд.

Тибқи тағйиру иловаҳо ба Қонуни ФР № 357 аз 24 ноябри соли 2014 шаҳрвандони хориҷие, ки ҳуқуқи бе гирифтани раводид ба ҳудуди ФР ворид шуданро доранд, метавонанд танҳо бо гирифтани патент фаъолият (кор) намоянд. Вобаста ба ин тағйирот барасмиятдарории патент мураккаб гашта, муҳлати муроҷиат барои гирифтани он кам ва пардохти маблағҳои иловагӣ муқаррар шудааст.

Айни ҳол дар ФР мушкилоти побанд кардани муҳоҷирони меҳнатӣ ба субъекти мушаххаси ФР ва корфармои мушаххас ҷой дорад, ки ба талаботи меъёрҳои байналмилалӣ мухолифат мекунад. Чунин низом муҳоҷири меҳнатиро ба корфармои мушаххас вобаста намуда, имконият намедиҳад, ки ҷои кори худро дар дохили субъектҳои ин кишвар иваз намояд.

Вазъ ва фаъолияти танзимнагардидаи муҳоҷирони меҳнатӣ дар аксар мавридҳо боиси аз меъёр зиёд кор фармудани онҳо, гирифтани ҳуҷҷатҳо (иҷозатномаи кор, шиноснома ва ғ.), мавриди истисмор ё хариду фурӯш қарор гирифтан, пардохт накардан ё кам пардохт намудани музди меҳнат, иттилооти дахлдор пешниҳод карда натавонистан дар хусуси корфармоён, аз ҷуброни зарар ба саломатӣ ё фавт саркашӣ намудани корфармоён, эътинои дахлдор дода нашудан ба баҳсҳои меҳнатӣ аз ҷониби мақомотҳои судӣ ё таҳдиди супоридан ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мегардад. Дар таҷрибаи ҷаҳонӣ барномаҳои қонунӣ гардонидани муҳоҷирон (авфи муҳоҷирон) истифода мешавад, ки ҳам ба манфиати кишвари қабулкунанда ва ҳам муҳоҷирони дорои мақоми танзимнагардида мебошад.

Қисми муайяни муҳоҷирони меҳнатӣ, ки зиёда аз ду ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ содир кардаанд, ба "руйхати сиёҳ" ё махзани маълумот ворид карда шуда, воридшавии онҳо ба ҳудуди ФР манъ карда шудааст. Ба ҳолати 7 июли соли 2014 шумораи шаҳрвандони ҷумҳурӣ, ки дохил шуданашон ба марзи ФР манъ карда шудааст, 202004 нафарро ташкил медиҳанд. Аксари муҳоҷироне, ки ба ин руйхат ворид карда шудаанд, аз ин ҳолат хабар надоранд, ки боиси бозпас гардонидан ва харҷи барзиёди онҳо мегардад. Мувофиқи мақсад аст, ки дар байни шаҳрвандон корҳои иттилоотию фаҳмонидадиҳӣ дар бораи оқибатҳои

ворид карда шудан ба ин рӯйхат тақвият дода шуда, чунин маълумотҳо ба онҳо саривақт дастрас карда шаванд.

Масъалаҳои ҳифзи ҳуқуқ ва амнияти муҳоҷирони меҳнатӣ дар хориҷи кишвар нигаронкунанда мебошад. Зуҳуроти ҳодисаҳои куштор, ксенофобия ва миллатчигӣ тақозо менамояд, ки тамоми воситаю усулҳо барои расонидани кӯмаки амалӣ ба муҳоҷирони меҳнатӣ ва таъмини бехатарии онҳо истифода бурда шаванд. Тибқи маълумоти Вазорати корҳои дохилӣ дар соли 2014 889 ҷасади ҳамватанони мо ба ҷумҳурӣ оварда шудаанд.

Айни ҳол аксари муҳоҷирони меҳнатие, ки дар муассисаҳои махсуси ФР интизори депортатсия ва ё беруншавии маъмурӣ мебошанд, ба муҳлатҳои номаҳдуд дар онҳо нигоҳ дошта мешаванд. Муҳлати нигоҳдорӣ дар сатҳи қонунгузории ин кишвар муайян карда нашудааст. Дар муассисаҳои мазкур шароити нигоҳдорӣ ҷавобгӯи меъёрҳои байналмилалӣ набуда, боиси ранҷу азоби муҳоҷирони меҳнатӣ мегарданд. Мувофиқи мақсад аст, ки мақомоти дахлдори давлатии ҶТ дар ҳалли ин масъала чораҳои зарурӣ андешанд.

Яке аз роҳҳои ҳалли ин масъалаҳо тақвият додани ҳамкориҳои мақомоти давлатии Тоҷикистон бо мақомотҳои дахлдори кишварҳои қабулкунанда мебошад. Чунин тавсия аз натиҷаи баррасии Маърӯзаи аввалини ҶТ дар бораи иҷрои Конвенсияи байналмилалӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои ҳамаи муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо низ пешниҳод шудааст.

Таъминоти иҷтимоӣ ва нафақаи муҳоҷирони меҳнатӣ то ҳанӯз ҳалли худро наёфтааст. Фаъолияти меҳнатии муҳоҷирон берун аз ҷумҳурӣ айни ҳол ҳангоми таъини нафақа ба инобат гирифта намешавад. Инчунин муҳоҷирони меҳнатӣ дар хориҷи кишвар аз гирифтани кӯмакпулиҳои корношоямӣ, ҳомиладорию таваллуд ва дигар кӯмакпулиҳо низ маҳруманд, ки ин вайронкунии меъёрҳои байналмилалӣ мебошад.

Тибқи тағйирот ба Кодекси меҳнати ФР ҳар як шаҳрванди хориҷӣ вазифадор аст, ки барои ба кор даромадан полиси суғуртаи ихтиёрии тиббиро дошта бошад. Дар сурати тамом шудани муҳлати амали полиси тиббӣ корфармо вазифадор мешавад, ки кормандро аз кор озод кунад.

Дар соли 2014 муҳоҷирати корӣ ба хориҷи кишвар кам шуд. Теъдоди муҳоҷирони меҳнатӣ дар муқоиса назар ба соли 2013 128 892 нафар коҳиш ёфтааст. Коршиносон сабабҳои кам шудани муҳоҷирати меҳнатиро ба шадид шудани талаботи қонунгузории ФР дар самти муҳоҷирати меҳнатӣ, коҳиш ёфтани квота барои ҷалби қувваи кории хориҷӣ ба ин давлат, коҳиш ёфтани арзиши рубли русӣ, саривақт

пардохт нашудани музди меҳнат, зиёд шудани шумораи ҳуҷҷатҳои пешниҳодшаванда ва андозаи пардохтпулиҳо рабт медиҳанд.

Дар ҷумҳурӣ мутташаккилона ба хориҷи кишвар фиристонидани муҳоҷирони меҳнатӣ дар сатҳи дахлдор ба роҳ монда нашудааст ва корхонаҳое, ки ба ин фаъолият машғуланд, то ҳанӯз ба боварии муҳоҷирони меҳнатӣ ноил нашудаанд. Дар соли 2014 тавассути чунин корхонаҳо ҳамагӣ 6798 нафар дар хориҷа бо кор таъмин шудаанд.

Мушкилоти дигар дар ин самт ҷавобгӯи талаботи бозори меҳнат набудани донишҳои ҳуқуқӣ ва сатҳи тахассусии муҳоҷирони меҳнатӣ мебошад. Надонистани забон, таърих, расму оин, қонунгузории ФР буду боши муҳоҷирони меҳнатиро душвор мегардонад. Аз 1 январи соли 2015 гирифтани Сертификат оид ба донистани забони русӣ, таърих ва асосҳои қонунгузории ФР ҳатмӣ мебошад. Бинобар ин мувофиқи мақсад аст, ки фаъолияти марказҳои иловагии омода намудани муҳоҷирони меҳнатӣ тақвият дода шуда, бо назардошти забони давлатҳои қабулкунанда ва талаботи бозори онҳо фаъолият намоянд.

21 ноябри соли 2014 дар муҳокимаи парламентӣ рафти иҷрои Буҷети давлатӣ вобаста ба татбиқи қарори Ҳукумати ҶТ аз 4 октябри соли 2011, 3460 “Дар бораи тасдиқи Стратегияи миллии муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони ҶТ ба хориҷа барои солҳои 2011-2015” мавриди муҳокима қарор дода шуда, ба мақомотҳои дахлдор тавсияҳои мушаххас пешниҳод гардид.

Дар соли 2014 ба ВҲИ 10 муроҷиат дар хусуси вайроншавии ҳуқуқи муҳоҷирони меҳнатӣ ворид шуд. Мазмуни муроҷиатҳои муҳоҷирони меҳнатиро масъалаҳо оид ба вайронкунии ҳуқуқҳои муҳоҷирон дар қабулгоҳҳо-тавҳилгоҳҳои ФР, напардохтани музди меҳнат ва гирифтани шиноснома, манъ шудани воридшавӣ ба ҳудуди ФР, мусоидат намудан барои дарёфт ва ба ватан баргардонидани фарзандон, аниқ намудани ҷойи буду боши фарзандон ва ғайра ташкил мекунанд.

Дар соли 2014 оид ба масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ як қатор семинару конференсияҳо баргузор гардиданд, ки дар онҳо кормандони мақомоти ВҲИ иштирок ва маърӯза намуданд. Аз ҷумла, дар Форуми 5-уми минтақавӣ, ки дар ш. Душанбе рӯзҳои 18-19-уми сентябри соли 2014 дар мавзӯи «Самаранокии воситаҳои ҳимояи ҳуқуқии муҳоҷирони меҳнатӣ ва аҳли оилаи онҳо аз Осиёи Марказӣ дар кишварҳои қабулкунанда» баргузор гардид, масъалаҳои мушкилоти муҳоҷирони меҳнатӣ, ҳолати дастрасии онҳо ба хизматрасониҳои консулӣ, ҳамкориҳои ваколатдорони ҳифзи ҳуқуқи инсон дар ин самт мавриди баррасӣ қарор дода шуданд.

Бо мақсади баланд бардоштани маълумотнокии шаҳрвандони ҶТ бобати хатарҳои эҳтимоливу имконпазир дар кишварҳои муҳоҷират дар соли 2014 кормандони Дастгоҳи ВҲИ дар воситаҳои ахбори оммаи ҷумҳуриявӣ баромадҳо намуданд. Бо дарназардошти муҳимияти муҳоҷирати меҳнатӣ дар сомонаи ВҲИ саҳифаи алоҳида ифтитоҳ карда шуда, дар он тамоми маълумотҳои зарурӣ ҷой дода шудаанд.

Зиёда аз ин, ВҲИ тасмим гирифтааст, ки соли 2015 бо мақсади беҳдошти ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои муҳоҷирони меҳнатӣ дар вилояти Свердловски ФР намояндагии худро таъсис диҳад ва дар ин самт корҳои омодагӣ дар ҳамкорӣ бо Вазорати корҳои хориҷии ҶТ ва мақомотҳои дахлдори ФР амалӣ шуда истодаанд.

**Дар самти ҳифзи ҳуқуқи муҳоҷирони меҳнатӣ тавсияҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:**

***- таҳияи барномаи давлатии истифодаи оқилонаи захираҳои инсонӣ дар дохили кишвар;***

***- пешниҳоди тавсия ба Ҳукумати ФР оид ба танзими муҳлати нигоҳдошти муҳоҷирони меҳнатие, ки дар муассисаҳои махсус нигоҳ дошта мешаванд;***

***- таҳкими ҳамкориҳои мақомоти давлатӣ, ВҲИ ва ТҒД дар самти ҳифзи ҳуқуқи муҳоҷирони меҳнатӣ;***

***- тақвият додани фаъолияти марказҳои омода намудани муҳоҷирони меҳнатӣ ва ташкили кори онҳо бо назардошти забони мамлакатҳои қабулкунанда ва талаботи бозори меҳнати ин кишварҳо;***

***- тақвият додани сафарбаркунии муташаккилонаи муҳоҷирони меҳнатӣ ба хориҷи кишвар;***

***- тақвияти корҳои иттилоотию фаҳмонидадиҳӣ дар бораи оқибатҳои ворид гардидани шаҳрвандон ба рӯйхати мамнуъшудагон;***

***- андешидани чораҳо оид ба таъсиси намояндагиҳои ВҲИ дар кишварҳои будубоши муҳоҷирони меҳнатӣ;***

***- баланд бардоштани самаранокӣ ва шаффофияти кори муассисаҳои консулии ҷумҳурӣ дар ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии муҳоҷирони меҳнатӣ;***

***- тезонидани қабули Қонуни ҶТ "Дар бораи муҳоҷирати меҳнатӣ".***

## 2.10. Ҳуқуқи кӯдак

Соли 2014 Конвенсияи СММ дар бораи ҳуқуқҳои кӯдак 25 сола шуд ва он аввалин санади байналмилалие мебошад, ки ҳуқуқи кӯдакро ба рушду камолот дар шароити озоду арзанда ҳамаҷониба фаро гирифта, диққати ҷомеаи ҷаҳониро ба дарёфти роҳҳои таъмини манфиатҳои беҳтарини кӯдак ҷалб намудааст.

Санади мазкурро аксари кишварҳои аъзои СММ ба тасвиб расонида, ҷиҳати мутобиқсозии санадҳои миллӣ ба принсипҳои пешбининамудаи Конвенсия чораҳои зарурӣ андешида истодаанд. Дар Тоҷикистон низ таъмини эҳтиром, риоя ва барқарорсозии ҳуқуқу озодиҳои кӯдак яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлат мебошад. Тибқи Конститутсияи ҶТ модар ва кӯдак таҳти ҳимоя ва ғамхории махсуси давлат қарор доранд.

Бо мақсади амалисозии уҳдадориҳои байналмилалии ҶТ дар ин самт Комиссияи назди Ҳукумати ҶТ оид ба ҳуқуқи кӯдак ва сохторҳои он дар вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ фаъолият мекунанд. Кодекси оилаи ҶТ, Қонунҳои ҶТ “Дар бораи маориф”, “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд”, “Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила” ва дигар санадҳои дар ин самт амалкунанда ҷанбаҳои гуногуни ҳуқуқу озодиҳои кӯдакро ба танзим медароранд. Соли 2014 аз ҷониби Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ Қонуни ҶТ “Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак” қабул гардида, айни ҳол барои имзо пешниҳод шудааст.

Аз ҷониби мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон низ ба масъалаҳои ҳифзи ҳуқуқи кӯдак диққати махсус дода мешавад. Дар Стратегияи фаъолияти мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон барои солҳои 2011-2015 мусоидат намудан ба таъмини ҳуқуқу озодиҳои кӯдакон ҳамчун самти афзалиятнок муайян шудааст.

Бо назардошти ин соли 2014 бо ташаббуси ВҲИ дар як қатор шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ бо хонандагони мактаб-интернатҳо, аъзои комиссияҳо оид ба ҳуқуқҳои кӯдак, роҳбарони муассисаҳои таълимӣ ва муаллимони фанни “Ҳуқуқи инсон”-и муассисаҳои таҳсилоти ҳамагонӣ мизҳои мудаввару вохӯриҳо гузаронида шуданд. Дар ин раванд кормандони ВҲИ тариқи воситаҳои ахбори оммаи ҷумҳурӣ баромад намуда, оид ба ҳуқуқҳои кӯдак маълумотҳои муфассал пешниҳод намуданд. Соли 2014 дар сомонаи ВҲИ оид ба ҳуқуқи кӯдак саҳифаи алоҳида кушода шуд.

Ҳамзамон аз ҷониби ВҲИ дар ҳамкорӣ бо Намояндагии Хазинаи кӯдакони СММ дар Тоҷикистон як қатор буклетҳо, брошураҳо ва плакатҳо оид ба ҳуқуқҳои кӯдак дар низоми адлияи ноболиғон таҳия ва дастрас гардиданд. Аз ҷумла, барои кӯдакон буклет бо маълумоти мухтасар дар бораи мақомоти ВҲИ ва намояндагиҳои он дар шаҳру ноҳияҳои кишвар таҳия ва нашр шуд.

Дар самти ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак ВҲИ ҶТ бо Ваколатдорони ҳуқуқи кӯдаки дигар кишварҳо ҳамкориҳои судмандро ба роҳ мондааст. Соли 2014 бо ташаббуси ВҲИ зимни ҳамкориҳо бо Ваколатдори ҳуқуқи

кӯдаки ш.Санкт-Петербург шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон Б.Ю. (с.т. 04.01.2013), ки тӯли як сол дар ш.Санкт-Петербург бо бемории «нуқсони модарзодии дил» 2 маротиба ҷарроҳӣ шуда буду зери ҳаводиҳии сунъии шуш қарор дошт, ба Тоҷикистон оварда шуд. Бо назардошти он ки волидайни кӯдак имконияти пардохти маблағи табобати минбаъдаро дар ФР надоштанд, бо мусоидати ВҲИ, Комиссияи назди Ҳукумати ҶТ оид ба ҳуқуқи кӯдак ва Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии ҶТ кӯдак, модараш ва табиби роҳбалад (эҳёгари Маркази ҷумҳуриявии илмию клиникии педиатрӣ ва ҷарроҳии кӯдакон) ройгон аз ш.Санкт-Петербурги ФР ба шаҳри Душанбе оварда, дар шӯъбаи эҳёгарии Маркази миллии тиббӣ ҷо карда шуд.

**Кӯдакон дар низоми адлияи ноболиғон**

Бо мақсади ҳифзи ҳуқуқи кӯдакон дар низоми адлияи ноболиғон аз ҷониби ВҲИ соли 2014 дар як қатор муассисаҳо, аз ҷумла дар мактаби махсус ва литсеи махсуси касбӣ-техникӣ боздидҳо анҷом дода шуда, бо роҳбарони ин муассисаҳо ва кӯдакони дар онҳо таълимгиранда вохӯриҳо гузаронида шуданд ва парвандаҳои шахсии ин кӯдакон мавриди омӯзиш қарор гирифтанд. Таҳлилҳо нишон доданд, ки дар санадҳои муайянкунандаи тартиби дар муассисаҳои мазкур ҷойгиркунии кӯдакон мухолифатҳо вуҷуд доранд. Масалан, мутобиқи банди 6 моддаи 22-и Қонуни ҶТ «Дар бораи маориф» барои кӯдакони аз 10-сола боло, ки ахлоқу рафтори онҳо барои ҷамъият хавфноканд, муассисаҳои таълимии махсус таъсис дода мешаванд. Тибқи талаботи қонуни мазкур кӯдакон ба ин муассисаҳои таълимӣ бояд бо қарори суд фиристода шаванд. Меъёри мазкур дар Низомнома дар бораи Комиссия оид ба ҳуқуқи кӯдак, ки бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 1 августи соли 2008 №377 тасдиқ шудааст, Низомнома ва Оинномаи Литсейи касбии-техникии махсуси №1 шаҳри Душанбе ва мактаби махсуси ҷумҳуриявӣ барои кӯдакони бо қонун мухолифатдошта пурра ба эътибор гирифта нашудааст.

Бинобар ин дар амалия Комиссияҳо оид ба ҳуқуқи кӯдаки шаҳру ноҳияҳо ва ШВКД-ҳо бархилофи талаботи Қонуни дар боло зикргардида бо қарорҳои худ кӯдаконро ба ин муассисаҳо мефиристанд.

Соли 2014 дар асоси Ёддошти тафоҳум аз ҷониби ВҲИ, Ташкилоти ҷамъиятии “Маркази ҳуқуқи кӯдак” ва Ташкилоти “Ислоҳоти байналмилалии маҳбасхонаҳо” (PRI) дар доираи лоиҳаи “Барҳамзании зинавии зӯроварӣ нисбати кӯдакон дар муассисаҳои пӯшида ва қисман пӯшида” мониторинг гузаронида шуд.

Дар доираи мониторинги мазкур нафароне, ки 3-4 сол пеш дар системаи адлияи ноболиғон буданд, пурсида шуданд. Пурсиши онҳо нишон дод, ки зӯроварӣ нисбати кӯдакон дар муассисаҳои тарбиявӣ

барои кӯдакони аз озодӣ маҳрумшуда, литсеи махсус ва мактаби махсус барои кӯдакони системаи адлияи ноболиғон вуҷуд надошта бошад ҳам, мутаассифона дар марҳилаи боздошт, таҳқиқот ва тафтишот баъзан ҳолатҳои аз ҷониби кормандони мақомоти корҳои дохилӣ истифодаи алфози қабеҳ, пурсиш бе иштироки намояндагони қонунӣ ё зиёдтар аз вақти муқарраркардаи қонун пурсидани кӯдакон ҷой доранд.

**Дар самти ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак дар низоми адлияи ноболиғон тавсияҳои зерин пешниҳод мешаванд:**

***- санадҳои танзимкунандаи ҷойгиркунии кӯдакон дар мактаби махсус ва литсейи махсус ба қонунҳои амалкунанда ва стандартҳои байналмилалӣ мутобиқ карда шаванд;***

***- талаботи қонунгузорӣ аз ҷониби комиссияҳо оид ба ҳуқуқҳои кӯдаки шаҳру ноҳияҳо ва роҳбарони мактаби махсус ва литсеи махсус риоя карда шаванд;***

***- барои кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ки фаъолияти онҳо бевосита бо кӯдакон алоқаманд аст, курсҳои такмили ихтисос ҷиҳати омӯзиши ҳуқуқи инсон (кӯдак) ба роҳ монда шуда, ба омӯзиш ва таълими ҳуқуқи инсон дар муассисаҳои таълимии назди мақомоту идораҳо тақвият бахшида шавад.***

**Ҳуқуқи кӯдак ба таҳсил**

Соли 2014 дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон 527 адад кӯдакистон бо фарогирии 80442 кӯдак (36418 духтар), 3845 муассисаи таҳсилоти умумӣ бо фарогирии 1742815 хонанда (830581 духтар), 62 муассисаҳои ибтидоии касбӣ бо фарогирии 21743 нафар (4895 духтар), 60 адад муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ бо фарогирии 59356 нафар донишҷӯ (35128 духтар) ва 38 муассисаи таҳсилоти олии касбӣ бо фарогирии 167660 донишҷӯ (53217 духтар) фаъолият доштанд.

Дар кишвар дастрасии кӯдакони табақаҳои осебпазири ҷомеа ба таҳсил (кӯдакони ятиму бепарастор, кӯдакони оилаҳои камбизоат, дорои маъюбияти гуногун, инчунин кӯдакони бо қонун дар мухолифатбуда) дар маркази диққат қарор доранд.

Барои бо таълиму тарбия фаро гирифтани кӯдакони дорои имкониятҳои маҳдуд дар ҷумҳурӣ 12 кӯдакистонҳои махсусгардонидашудаи табобатӣ (санаторӣ) бо фарогирии 3422 кӯдак фаъолият мекунанд.

Дар соли таҳсили 2014-2015 дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ 5244 кӯдаки маъюб ба таҳсил фаро гирифта шуданд. Аммо дар аксари муассисаҳои таълимӣ барои кӯдакони маъюб шароитҳои мусоид фароҳам оварда нашудаанд.

Ҷиҳати беҳдошти сатҳи дастрасии кӯдакон ба таҳсил кормандони мақомоти ВҲИ тӯли соли 2014 аз як қатор муассисаҳои таълимӣ дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ дидан карданд. Аз ҷумла, вазъи кӯдакон дар Хонаи бачаҳои ш. Роғун, Мактаби махсуси ҷумҳуриявии №1 ш. Душанбе, Литсеи махсуси касбӣ-техникии №1 ш. Душанбе, Қабулгоҳ-таҳвилгоҳи ноболиғони Хадамоти пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ байни ноболиғон ва ҷавонони ВКД ҶТ, Мактаб-интернати ҷумҳуриявӣ барои кӯдакони ятими н. Шаҳринав, Мактаб-интернати ҷумҳуриявии бачаҳои нобино ва сустбини н. Ҳисор, Мактаб-интернати ҷумҳуриявии кӯдакони ятим дар ш. Кӯлоб, Мактаб-интернати №1 Ҷамоати деҳоти ба номи Миралӣ Маҳмадалиев дар н. Восеъ, Хонаи бачагони Танобчии н. Темурмалик, Мактаби миёнаи деҳаи Лулиёни н. Восеъ, Мактаб-интернати ёрирасон дар ш. Хуҷанд, Мактаб-интернати вилоятӣ барои кӯдакони ятим ва бачагони маҳрум аз парастории волидайн дар ш. Чкалов, Мактаб-интернати махсус барои бачагони қувваи босираашон суст ва зарир дар ш. Исфара, Мактаб–парастишгоҳи шифобахшии №40 дар ш. Конибодом, мактаб-интернат барои кӯдакони ятими ш. Истаравшан, Мактаб-интернат барои кӯдакони кар ва шунавоиашон сусти ба номи Тӯхтабой Ғафоров дар н. Б. Ғафуров мавриди санҷиш қарор гирифтанд.

Аз натиҷаи санҷишҳо ҷиҳати бартарафсозии камбудиву норасоиҳои ҷойдошта ба Вазири маориф ва илми ҶТ, раисони ноҳияи Вахш ва шаҳри Исфара, роҳбарони ҳамаи муассисаҳое, ки вазъи ҳуқуқи кӯдак дар онҳо мавриди санҷишу омӯзиш қарор гирифтанд ва дигар мақомоту идораҳои дахлдор тавсияҳои ВҲИ пешниҳод гардиданд. Айни замон вобаста ба иҷрои тавсияҳои пешниҳодшуда ба мақомоти ВҲИ ҷавобҳо ворид шуда истодаанд.

Камбудии ҷиддӣ дар аксар мактаб-интернатҳо барои кӯдакони ятиму бепарастору маъюб ва дар муассисаҳои таълимии махсус барои кӯдакони душвортарбия он аст, ки таҳсил дар онҳо танҳо барои кӯдакони тоҷикзабон мебошад. Ташкили синфҳо барои кӯдакони русзабон, узбекзабон ва дигар ақаллиятҳои миллӣ дар ин муассисаҳо мувофиқи мақсад мебошад.

Бар замми ин санҷишу ташрифҳо мақомоти ВҲИ маълумотҳои аз васоити ахбори омма, муроҷиатҳои шаҳрвандон ва вохӯриҳо бо аҳолӣ бадастомадаро мавриди омӯзишу таҳлил қарор додааст. Омӯзишу таҳлилҳо нишон доданд, ки дар соҳаи маориф дар баробари пешравиҳо баъзе камбудиҳо, аз ҷумла набудани асбобу ашёҳои аёнӣ, китобҳои дарсӣ (махсусан дар муассисаҳо барои кӯдакони бо қонун дар мухолифатбуда ва кӯдакони маъюб), адабиёти бадеӣ ва нарасидани

муаллимони фаннӣ мушоҳида мешаванд. Дар муассисаҳои махсусгардонидашуда бошад, психологҳо ва мутахассисоне, ки бо кӯдакони кару гунг ва ноқисии нутқ ё руҳидошта кор мебаранд, намерасанд.

Мушкилии дигари соҳаи маориф дур будани мактабҳо барои кӯдакон мебошад. Баъзан барои кӯдакони якчанд деҳа як мактаби таҳсилоти умумӣ фаъолият мекунад, ки ин ҳолат махсусан дар фасли зимистон мушкилиҳои зиёд пеш оварда, боиси аз таҳсил дур мондани духтарон ва кӯдакони маъюб мегардад.

Тибқи қарори Ҳукумати ҶТ аз 27 августи соли 2008, №436 "Дар бораи Барномаи давлатии сохтмон, таъмиру азнавсозии мактабҳо барои солҳои 2008-2015, ки дар хонаҳои шахсӣ, вагонхонаҳо ва биноҳои маъмурию ҷойҳои ҷамъиятӣ ҷойгиранд" дар давоми солҳои 2008-2013 муассисаҳои таълимии дар Барнома пешбинишуда пурра аз хонаҳои шахсӣ ва вагонхонаҳо бароварда шудаанд. Аммо аз маълумоти Вазорати маориф ва илми ҶТ бармеояд, ки ҳанӯз ҳам дар 12 шаҳру ноҳияҳо 20 муассисаҳои таълимӣ ва филиалҳои муассисаҳои таълимии ба Барнома вориднашуда дар хонаҳои шахсӣ ва вагонхонаҳо ҷойгиранд.

Мутобиқи талаботи моддаи 41 Конститутсияи (Сарқонуни) ҶТ "Ҳар шахс ҳуқуқи таҳсил дорад". Тибқи банди 7 моддаи 16-и Қонуни ҶТ "Дар бораи маориф" қабули хонандагон ба зинаи сеюми таҳсилот дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи умумӣ мувофиқи майлу хоҳиш ва қобилияту завқи онҳо сурат мегирад. Аммо таҷриба нишон медиҳад, ки баъзан ин ҳуқуқҳои кӯдакон аз ҷониби роҳбарони муассисаҳои таълимӣ халалдор карда мешаванд.

Масалан, мувофиқи мурочиате, ки аз ҷониби шаҳрванд С.А. ба мақомоти ВҲИ ворид гардид, писараш У.С. дар мактаби миёна бо баҳои хубу аъло хонда, хоҳиши идома додани таҳсилро дар синфҳои 10-11 доштааст. Аммо аз ҷониби роҳбари муассисаи таълимӣ бо сабаби гӯё паст будани сатҳи донишаш ба ӯ барои идомаи таҳсил иҷозат дода нашудааст. Баъди омӯзиши ҳуҷҷатҳо бо мусоидати ВҲИ дар ҳамкорӣ бо Вазорати маориф ва илми ҶТ ва Раёсати маорифи шаҳри Душанбе номбурда таҳсили худро дар мактаб идома дод.

Дар самти дастрасӣ ба таҳсил махсусан кӯдаконе, ки ба сифати гумонбаршуда ё айбдоршаванда дастгир шудаанд ва ноболиғоне, ки аз муассисаҳои адои ҷазои ҷиноятӣ баргаштаанд, ба мушкилӣ рӯ ба рӯ мегарданд. Падару модари дигар кӯдакон намехоҳанд, ки кӯдакони ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидашуда бо фарзандони онҳо дар як мактаб таҳсил кунанд.

Барои ноболиғоне, ки аз муассисаҳои адои ҷазои ҷиноятӣ баргаштаанд, муассисаҳои таълимии ғоибона (шабона) таъсис дода шудаанд, ки мутаассифона таҳсил дар онҳо шартномавӣ (пулакӣ) аст. Ҳол он ки кӯдакони низоми адлияи ноболиғон асосан аз оилаҳои камбизоатанд ва онҳо имкон надоранд, ки ба тариқи шартномавӣ таҳсил намоянд.

Соли 2014 Ташкилоти ҷамъиятии "Маркази ҳуқуқи кӯдак" ба ВҲИ муроҷиат намуда, хоҳиш кардааст, ки ҷиҳати барқарор намудани ҳуқуқи ноболиғ М. ба таҳсил мусоидат карда шавад. Аз муроҷиат бармояд, ки падари гумонбаршуда М. баъди ҷанги байни мактаббачаҳо ба прокуратура даъват шуда, ба ӯ дастур дода шудааст, ки ҳуҷҷатҳои фарзандашро аз мактаб гирифта, ӯро барои идомаи таҳсил ба мактаби махсус барад. Ин амали прокурор хилофи қонунгузории амалкунандаи ҷумҳурӣ мебошад ва аз ин лиҳоз бо дахолати ВҲИ ноболиғ М. таҳсилро дар мактаб идома дод.

Модарони ноболиғон А. ва Ҷ. ва ТҶ "Маркази ҳуқуқи кӯдак" ба мақомоти ВҲИ муроҷиат карда, дархост намудаанд, ки барои дар муассисаи таҳсилоти ҳамагонӣ идомаи додани таҳсил ба А. ва Ҷ., ки баъди адои ҷазои ҷиноятӣ аз муассисаи тарбиявӣ баромадаанд, муоидат намояд. Бо мусоидати ВҲИ ноболиғон барои таҳсил ба Муассисаи давлатии таҳсилоти миёнаи умумии (ғоибона) барои наврасон ва калонсолон дар назди Вазорати маориф ва илми ҶТ равон карда шуданд.

Оид ба барҳамзании мушкилиҳои кӯдакони бо қонун мухолифатдошта дар самти дастрасӣ ба таҳсил ба Вазири маориф ва илми ҶТ тавсияҳои ВҲИ ирсол карда шудаанд.

Кормандони мақомоти ВҲИ дар давоми сол мунтазам бо кӯдакон дар муассисаҳои гуногуни таълимӣ вохӯриҳо доир намуда, ба онҳо дар бораи қонунгузории миллӣ ва санадҳои байналмилалии аз ҷониби Тоҷикистон эътирофгардида маълумот пешниҳод намуданд. Дар доираи чунин вохӯриҳо тартиби муроҷиат ба ВҲИ фаҳмонида шуда, ба кӯдакон оид ба ҳуқуқҳои ноболиғон ҳангоми дастгиркунӣ, ҳабс ва мурофиаи судӣ брошураву буклетҳо дастрас карда шуданд.

**Дар самти дастрасии кӯдакон ба таҳсил чунин тавсияҳо пешниҳод мешаванд:**

***- бо асбобҳои аёнӣ ва китобҳои дарсии соли барориашон нисбатан нав таъмин намудани муассисаҳои таълимӣ барои кӯдакон дар низоми адлияи ноболиғон;***

***- таъмини дастрасии ҳамаҷонибаи кӯдакони маъюб ба таҳсил;***

***- аз вагонхона, хонаҳои истиқоматӣ ва биноҳои маъмурию ҷойҳои ҷамъиятӣ баровардани муассисаҳои таълимӣ ва филиалҳои онҳо;***

***- сохтмон ва қабули биноҳои таълимию тарбиявӣ бо назардошти имкониятҳои кӯдакони маъюб;***

***- ҷалби кӯдакони низоми адлияи ноболиғон ба марказҳои таҳсилоти иловагӣ;***

***- ройгон ба роҳ мондани таълими шабона ва ғоибона дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ.***

**2.11. Ҳуқуқи зан**

Ҳуқуқҳои зан дар ҳамаи санадҳои байналмилалӣ инъикоси худро ёфтаанд. Оинномаи СММ баробарии зану мардро ҳамчун принсип қайд кардааст. Инчунин баробарии марду зан дар Эъломияи умумии ҳуқуқи башар низ пешбинӣ шудааст. Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ табъизро аз рӯи ҷинсият манъ кардаанд.

Санаде, ки пурра ба ҳуқуқу озодиҳои зан бахшида шуда, тамоми ҷанбаҳои ҳаёти ӯро дар назар гирифтааст, ин Конвенсия дар бораи барҳам додани тамоми шаклҳои табъиз нисбати занон мебошад, ки аз ҷониби Тоҷикистон низ ба тасвиб расонида шудааст. Протоколи иловагӣ ба Конвенсияи мазкур соли 2014 аз ҷониби Маҷлиси Олии ҶТ ба тасвиб расид.

Конститутсияи ҶТ ҳуқуқу озодиҳои занонро кафолат медиҳад. Аз ҷумла, Сарқонун муқаррар намудааст, ки мардон ва занон баробарҳуқуқанд, ҳуқуқ доранд озодона ақди никоҳ банданд ва онро бекор кунанд.

Дар ҷумҳурӣ ҷиҳати ҳифзи ҳуқуқи занон пайваста чораҳои муассир андешида мешаванд. Дар ин самт Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 1999, №5 “Дар бораи тадбирҳои баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа”, Қонуни ҶТ “Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо”, Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши зан дар ҶТ барои солҳои 2011-2020, барномаҳои давлатии “Тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунанда аз ҳисоби занону ҷавондухтарони лаёқатманд барои солҳои 2007-2016”, “Тайёр кардани мутахассисон аз ҳисоби занон ва мусоидат ба шуғли онҳо барои солҳои 2012-2015” ва дигар санадҳо қабул гардида, амалисозии онҳо ба роҳ монда шудааст.

Бо назардошти вазифаю ваколатҳои ВҲИ мусоидат дар барқароркунии ҳуқуқу озодиҳои вайроншудаи занон яке аз самтҳои афзалиятнок дар Стратегияи фаъолияти ВҲИ барои солҳои 2011-2015 муайян шудааст. Барои тақвияти фаъолият дар ин самт ВҲИ бо Кумитаи

кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати ҶТ ва сохторҳои дигари давлатӣ, ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ ва байналмилалӣ, ки фаъолияти онҳо бевосита бо ҳуқуқу озодиҳои занон алоқаманд аст, ҳамкориҳоро ба роҳ мондааст.

Таҳлили мурҷиатҳои хаттӣ ва шифоҳии ба мақомоти ВҲИ воридгардида нишон доданд, ки дар ҷомеа асосан ҳуқуқҳои занҳое вайрон мешаванд, ки маърифати ҳуқуқии онҳо дар сатҳи паст қарор дорад.

Масалан, шаҳрванд Ш. аз шаҳри Душанбе тариқи никоҳи мусулмонӣ ба шаҳрванд А. аз ноҳияи Рашт ба шавҳар баромада, таи ду сол дар Федератсияи Россия бо ӯ якҷоя зиндагӣ кардааст. Баъди таваллуд шудани духтарчааш шавҳараш гӯё аз сабаби духтар таваллуд карданаш дигар бо ӯ зиндагӣ кардан нахостааст. Вақте ки Ш. ба ВҲИ муроҷиат намуд, собиқ шавҳари ӯ аллакай зани дигар гирифта буд. Ба шаҳрванд Ш. маслиҳат дода шуд, ки бо ариза оид ба муқаррар кардани падарӣ ва рӯёнидани алимент ба суд муроҷиат намояд. Баъди ба суд муроҷиат кардани Ш. раванди баррасии аризаи ӯ зери назорати мақомоти ВҲИ гирифта шуд. Мувофиқи ҳалномаи суд аз собиқ шавҳараш барои нигоҳубини фарзанди Ш. алимент ҷудо гардид.

Шаҳрванд Г., истиқоматкунандаи яке аз ноҳияҳои тобеи марказ, ба шаҳрванди Афғонистон тариқи никоҳи мусулмонӣ ба шавҳар баромада, баъди соҳиби ду фарзанд шудан хешовандони шавҳараш ӯро аз хона пеш кардаанд. Ӯ ба Тоҷикистон баргаштааст, аммо падар ва бародаронаш гуфтанд, ки ӯро бе фарзандонаш қабул мекунанд, зеро имконияти хӯрондану пӯшонидани фарзандонашро надоранд ва фарзандони ӯ бояд ба Афғонистон фиристода шаванд.

Пас аз муроҷиат бо мусоидати ВҲИ дар ҳамкорӣ бо Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ ва Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ фарзандони Г. дар хонаи кӯдакон ҷойгир карда шуда, худи ӯ ба Маркази омӯзиши калонсолон барои касбомӯзӣ равон карда шуд.

Дар баъзе муроҷиатҳо занон ба мақомоти ВҲИ оид ба вайроншавии ҳуқуқи дастрасии онҳо ба суд шикоят мекунанд. Масалан, шаҳрванд Ш. истиқоматкунандаи яке аз ноҳияҳои дурдасти ҷумҳурӣ, ки аз барномаҳои телевизиони “Ҷаҳоннамо” оид ба мақомоти ВҲИ маълумот пайдо кардааст, тариқи телефонӣ ба мақомоти ВҲИ муроҷиат намуда, изҳор дошт, ки аризаи ӯ дар бораи ҷудо кардани алимент бо сабабҳои номаълум дар суд қабул карда нашудааст. Бо мусоидати ВҲИ муроҷиати Ш. дар суди ноҳия қабул ва баррасӣ гардид.

Шаҳрванд Ҳ. аз шаҳри Душанбе низ шифоҳан ба мақомоти ВҲИ муроҷиат карда, иброз намуд, ки дар суди яке аз ноҳияҳои шаҳри

Душанбе бо сабабҳои ба ӯ номаълум аризаи даъвогиаш дар бораи баҳси оилавӣ қабул нашудааст. Бо мусоидати ВҲИ мурочиати шаҳрванд Ҳ. дар суд қабул ва дар муҳлати муқарранамудаи қонун баррасӣ гардид.

Дар баъзе мурочиатҳо аз он шикоят карда мешавад, ки ҳуқуқҳои занон ва хешу табори онҳо вобаста ба муошират бо фарзандоне, ки бо падарон зиндагӣ мекунанд, вайрон мешаванд.

Мисол, аз мурочиати шаҳрванд Б. бармеояд, ки ӯ бо духтараш М.-и шонздаҳсола зиёда аз 10 сол инчониб вохӯрда наметавонад. Инчунин, аз рӯи маълумотҳои доштаи Б. духтараш дар мактаби миёна умуман таҳсил накардааст. Бо мусоидати ВҲИ Б. бо духтараш вохӯрд. Ҳамзамон муайян карда шуд, ки дар ҳақиқат М. аз сабаби надоштани шаҳодатномаи таваллуд дар мактаби миёна таҳсил накардааст. Айни замон М. ҳуччати тасдиққунандаи шахсият гирифт. Зимни суҳбат бо наздикони ӯ падар ва амаки М. ба уҳда гирифтанд, ки барои дар Маркази таҳсилоти калонсолон ба омӯзиши касби дӯзандагӣ машғул шудани М. монеъ намешаванд.

Дар чумҳурӣ барои бо кор таъмин намудани занҳое, ки баъди адои чазо ба озодӣ баромадаанд, чораҳои дахлдор андешида мешаванд. Мувофиқи маълумоти Вазорати меҳнат, муҳочират ва шуғли аҳолӣ барои соли 2014 аз теъдоди нафароне, ки аз маҳбас озод шуда, дар қайди мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолӣ мебошанд, 35 нафарро занон ташкил медиҳанд.

Ба рушди соҳибкории занон низ аҳамият дода шуда, давоми соли 2014 ба 2 127 нафар занон дар ҳачми 7 миллиону 204 ҳазору 691 сомонӣ барои рушди соҳаҳои гуногуни соҳибкорӣ кӯмаки молиявӣ расонида шудааст.

Тибқи маълумоти Вазорати меҳнат, муҳочират ва шуғли аҳолӣ дар соли 2014 аз 670806 нафар шаҳрвандони чумҳурӣ, ки ба муҳочирати меҳнатӣ рафтаанд, 106416 нафар занон мебошанд.

Раванди муҳочирати меҳнатӣ бештар хусусияти чавоншавиро касб намудааст, ки ба генофонди миллат бетаъсир намемонад. Чараёни аз мамлакат баромада рафтани қисми коршоям ва соҳибкасби аҳолӣ боиси дар чумҳурӣ мондани занону фарзандони онҳо, зуҳуроти бисёрзанӣ ва никоҳҳои қонунан қайд нагардида мешавад.

Яке аз сабабҳои афзудани шумораи вайроншавии оилаҳоро коршиносон низ дар муҳочирати меҳнатӣ, хусусан муҳочирати мардон медонанд. Қисми муайяни муҳочирон муддатҳои тӯлонӣ бо оилаҳои худ дар алоқа намешаванд ва ба онҳо кӯмаки моддӣ намерасонанд, ки ин боиси вайроншавии оилаҳо мешавад.

Тибқи маълумоти Ташкилоти байналмилалии муҳоҷират (соли 2009) тахмин сеяки муҳоҷирон ба Ватан умуман бар нагаштаанд. Зану фарзандони дар ватан мондаи онҳо дар душвортарин шароит рӯз мегузаронанд, чунки онҳо соҳибмаълумот ва соҳибкасб нестанд, инчунин таҷрибаи корӣ низ надоранд. Бинобар ин бе манбаи даромад ва дастгирии молиявӣ монда, онҳо ба шаклҳои гуногуни зӯроварӣ, бемориҳои гуногун, гуруснагӣ ва дигар мушкилиҳо гирифтор шуда, баъзан ҳатто даст ба худкушӣ мезананд.

Ба хотири зинда мондан фарзандони ин занҳо ба шаклҳои бадтарини меҳнат машғул мешаванд. Баъзан ин занҳо баҳри беҳтар кардани шароити худ ва фарзандон маҷбуранд ба муҳоҷирати меҳнатӣ раванд ва ин ҳолат боз мушкилоти дигарро пеш меорад.

Мушкилиҳои асосии занони муҳоҷир - ин таълиму тарбияи фарзандон, омода набудан ба сафари берун аз кишвар, надоштани вазъи батанзимдаровардашуда, сатҳи пасти малакаи касбӣ, иттилоотӣ ва ҳуқуқӣ мебошанд. Баъзан ин занон ва фарзандони онҳо дар ҷомеа мавриди таҳқир қарор мегиранд.

**Дар самти ҳуқуқи занон тавсияҳои зерин пешниҳод мешаванд:**

***- андешидани чораҳои дахлдор оид ба таъмини дастрасии духтарон ба тамоми зинаҳои таҳсил;***

***- ташвиқу тарғиби ҳамаҷонибаи ақди никоҳи давлатӣ;***

***- баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ ва оиладории занон;***

***- ҷалби бештари духтарон ба муассисаҳои ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ;***

***- беҳтар сохтани фаъолият дар самти омодасозии муҳоҷирони меҳнатӣ.***

# ХОТИМА

Дар Маърӯзаи мазкур самтҳои асосии фаъолияти мақомоти ВҲИ дар соли 2014 ҳамаҷониба мавриди натиҷагирӣ қарор гирифта, дар он вазъи риоя ва таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон дар мамлакат бо далелу мисолҳои мушаххас инъикос шудааст.

Аз Маърӯза бармеояд, ки мукаммалгардонии низоми дастрасии мақомоти ВҲИ дар соли 2014 идома дода шудааст ва дар ин сол бо мусоидати Ҳукумати ҶТ дар ноҳияҳои Қумсангир ва Қубодиёни вилояти Хатлон ва шаҳри Исфараи вилояти Суғд боз 3 Қабулгоҳҳои ҷамъиятии нави ВҲИ таъсис ёфта, шумораи умумии онҳо дар минтақаҳои кишвар ба 11 адад расидааст. Маблағгузории фаъолияти Қабулгоҳҳои ҷамъиятии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар маркази вилоятҳои Хатлон, Суғд ва ВМКБ аз 1 январи соли 2014 ба буҷети давлатӣ гузаронида шудааст.

Соли 2014 дар мақомоти ВҲИ 3252 (с. 2013 – 2528 адад) муроҷиати шаҳрвандон (381 адад – хаттӣ ва 2871 адад – шифоҳӣ) ба қайд гирифта шудааст. Аз онҳо дар Дастгоҳи марказии ВҲИ 542 (с. 2013 – 492 адад) муроҷиат (243 – хаттӣ ва 299 – шифоҳӣ) ва дар 11 Қабулгоҳи ҷамъиятии ВҲИ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ 2710 (с. 2013 – 2036 адад) муроҷиат (138 – хаттӣ ва 2572 – шифоҳӣ) баррасӣ шудаанд.

Дар муроҷиатҳои хаттие, ки дар Дастгоҳи марказӣ ба қайд гирифта шудаанд, шаҳрвандон бештар ҷиҳати ҳалли ҳуқуқҳояшон ба манзил (58 адад ё 23,4 %), нисбат ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ (31 адад ё 12,7 %), ба моликият (22 адад ё 9,0 %), ба муҳокимаи одилонаи судӣ (17 адад ё 7, 7%), муроҷиат ба мақомоти давлатӣ (16 адад ё 6,5%) арз кардаанд. Муроҷиатҳо дар муқоиса ба соли 2013 нисбати ҳуқуқ ба манзил 18 адад, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ 13 адад, ҳуқуқи муроҷиат ба мақомоти давлатӣ 7 адад зиёд гардида, дар баробари ин нисбати ҳуқуқ ба муҳокимаи одилонаи судӣ 35 адад, ҳуқуқ ба меҳнат 13 адад, ҳуқуқ ба моликият 8 адад, ҳуқуқи муҳоҷирони меҳнатӣ 9 адад ва шахсони аз озодӣ маҳрумшуда 6 адад кам шудаанд.

Дар аксарияти аризаву шикоятҳои хаттии дар соли 2014 ба мақомоти ВҲИ воридгардида нисбати мақомоти судӣ (66 адад ё 27,1 %) шикоят шудааст, гарчанде онҳо нисбат ба соли 2013 (91 адад) тамоюли камшавӣ доранд. Шикоятҳо нисбати амали (беамалии) сохторҳои Вазорати мудофиа (Комиссариатҳои ҳарбӣ) низ назар ба соли 2013 (4 адад) зиёд шуда, ба 14 адад расидааст.

Афзоиши муроҷиатҳо дар самти мусоидат ба ҳимояи ҳуқуқ ба озодӣ аз шиканҷа, ҳуқуқ ба озодӣ ва дахлнопазирии шахсӣ низ тамоюли

зиёдшавӣ доранд, зеро агар дар соли 2013 шумораи чунин муроҷиатҳо ҳамагӣ 18-то бошанд, пас дар соли 2014 миқдори онҳо ба 31 адад расидааст. Шаҳрвандон дар муроҷиатҳои худ аксар вақт аз ғайриқонунӣ дастгир шудан, наандешидани чораҳои қонунӣ нисбати шахсони гунаҳгор, кашолакорӣ дар тафтиши парвандаҳои ҷиноятӣ, зери шиканҷа ва лату кӯб қарор гирифтан, ғайриқонунӣ ва беасос оғоз ва қатъ намудани парвандаи ҷиноятӣ шикоят намудаанд.

Сатҳу сифати кор бо муроҷиати шаҳрвандон дар Қабулгоҳҳои ҷамъиятии ВҲИ беҳтар гардида, дар ин давра аз ҷониби онҳо 2710 (138 - хаттӣ ва 2572-шифоҳӣ) адад муроҷиатҳои шаҳрвандон баррасӣ шудаанд, ки нисбат ба соли 2013 (2036 адад ва аз онҳо 115 - хаттӣ ва 1921- шифоҳӣ) 674 адад зиёд мебошанд.

Аз ҷониби мақомот ҷиҳати такмили қонунгузорӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон нисбати 50 лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ хулосаву пешниҳодҳо таҳия гардида, ба мақомоти дахлдор пешниҳод шудаанд.

Дар ин давра аз тарафи кормандони мақомоти Ваколатдор дар ташкилоту муассисаҳои кишвар оид ба вазъи риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон 50 санҷиш (соли 2013 – 34 санҷиш) гузаронида шудааст. Аз ҷумла, 20 муассисаи пӯшида ва қисман пӯшида мавриди мониторингу санҷишҳо қарор дода шудаанд.

Дар соли 2014 кормандони мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар воситаҳои ахбори омма 203 маротиба (соли 2013 – 196 маротиба), аз ҷумла дар шабакаҳои гуногуни телевизионӣ 49 маротиба (соли 2013 – 23 маротиба), дар шабакаҳои радио 61 маротиба (соли 2013 – 57 маротиба) баромад карда, дар воситаҳои электронии иттилоотӣ 77 маротиба (соли 2013 – 109 маротиба) мавод нашр намуда, дар рӯзномаҳои кишвар 16 мақола (соли 2013 – 12 мақола) чоп намудаанд. Дар давраи сипаришуда кормандони мақомоти ВҲИ ҶТ дар 113 (дар соли 2013 – 83) семинару конференсия ва мизҳои мудаввар оид ба ҷанбаҳои гуногуни ҳуқуқ ва озодиҳои инсон иштирок кардаанд. Бо ташаббуси мақомот бошад, 29 (дар соли 2013 – 13) семинару конференсия ва мизҳои мудаввар ташкил ва гузаронида шудаанд.

Сомонаи ВҲИ дар ин сол такмил ёфта, таркиби он бо ду саҳифаи нав – оид ба ҳуқуқи муҳоҷирони меҳнатӣ ва ҳуқуқҳои кӯдак пурра карда шудааст.

Ҷиҳати амалисозии Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 2013-2020 аз ҷониби Шӯрои ҳамоҳангсози байниидоравӣ, ки аз ҳисоби роҳбарони сохторҳои таълимии вазоратҳо, идораҳо ва муассисаҳои олии таълимӣ ва дигар ташкилотҳо дар назди ВҲИ таъсис дода шудааст, 17 барномаҳои мақсадноки таълимӣ таҳия ва тасдиқ

гардида, барои дар муассисаҳои таҳсилотӣ ҷорӣ намудани фанни таълимӣ оид ба ҳуқуқи инсон ба Вазорати маориф ва илми ҶТ ва дигар идораҳои дахлдор ирсол шудаанд.

Дар Маърӯза вазъи ҳуқуқу озодиҳои алоҳидаи инсон дар ҷумҳурӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шуда, дар баробари пешравиҳои муайян мушкилоти ҷойдошта низ дар сатҳи қонунгузории миллӣ, амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ ва фаъолияти мақомоти дахлдор баён гардидаанд.

Вобаста ба бартарафсозии мушкилоти ҷойдошта оид пешбурд ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои алоҳидаи инсон тавсияҳои мушаххас пешниҳод шудаанд. Аз ҷумла, ҳуқуқ ба ҳифзи судӣ ва муҳокимаи одилонаи судӣ – 4, дахлнопазирии шахсӣ, озодӣ аз шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ва таҳқиркунандаи шаъну шараф – 3, ҳуқуқи инсон дар муассисаҳои пӯшида ва қисман пӯшида – 3, ҳуқуқ ба озодии ибрози ақида, дастрасӣ ба иттилоот ва воситаҳои ахбори омма – 3, ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ – 5, ҳуқуқи маъюбон – 10, ҳуқуқ ба ҳифзи саломатӣ – 9, ҳуқуқ ба манзил – 5, ҳуқуқи муҳоҷирони меҳнатӣ – 9, ҳуқуқҳои кӯдак: кӯдакон дар низоми адлияи ноболиғон – 3, ҳуқуқи кӯдак ба таҳсил – 6, ҳуқуқи занон – 5, дар маҷмӯъ 65 тавсия пешниҳод шудааст.

Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон боварӣ дорад, ки Маърӯзаи мазкур дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ мавриди баррасӣ қарор дода шуда, ҷиҳати татбиқи тавсияҳои пешниҳодшуда ва ҳалли мушкилоти баёнгардида чораҳои дахлдор андешида мешаванд.